# Ҳисобот
## дар бораи фаъолияти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар соли 2011

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар соли 2011 дар заминаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, қарору фармонҳои Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятро ба роҳ монд.

**I. Дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши доимӣ.**

**Дар соли 2011 аз ҷониби муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоии соҳа ба 22450 нафар аз рӯи ҳамаи самтҳо хизматҳои иҷтимоӣ расонида шуданд. Аз ҷумла, дар шароити статсионарӣ 1547 нафар, дар марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ва будубоши рӯзона 1863 нафар, дар шароити хона 5715 нафар, табобати санаторӣ-курортӣ 2183 нафар, бо аробачаҳои маъюбӣ 723 нафар, бо протезҳои пою даст, пойафзолҳои ортопедӣ ва асобағалҳо 10419 нафар таъмин гардиданд.**

Дар ин давра дар муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо 1547 нафар бошандагон зиндагӣ мекунанд, ки дар қиёс бо соли гузашта 44 нафар зиёд аст (асосан аз ҳисоби 40 ҷойи иловагӣ дар хона-интернати ноҳияи Восеъ). Аз ин шумора 897 нафар мардон ва 650 нафар занҳо мебошанд. Аз ҷумла, 200 нафар маъюбони гурӯҳи якум, 558 нафар маъюбони гурӯҳи дуюм, 108 нафар маъюбони гурӯҳи сеюм (асосан хонандагони Литсей-интернат), 547 нафар маъюбон аз кӯдакӣ, 172 нафар маъюбони бистарӣ ва боқӣ нафақахӯрон мебошанд *(ҷадвал замима мегардад)*.

Шумора ва котегорияхои бошандагон дар хона-интернатхо ва литсей-интернат




Инчунин дар Муассисаи давлатии “Маркази миллии тавонбахшӣ барои кӯдакон ва наврасони “Чорбоғ” ба 20 нафар кӯдакони маъюб дар як баст ба

мӯҳлати 21 рӯз табобату тавонбахшӣ расонида, ба модаронашон барои нигоҳубини кӯдаки маъюб дар хона омӯзиш ва маслиҳат дода мешавад. Соли равон 16 баст гузаронида шуд, ки дар онҳо 320 нафар кӯдакони заруратдошта тавонбахшӣ гирифта, ба модаронашон тавсияҳо дода шуд. Бояд тазаккур дод, ки талаботи ниёзмандон ба ин шӯъба рӯз то рӯз зиёд шуда, айни ҳол зиёда аз 640 нафар кӯдакон то моҳи октябри соли 2013 номнавис гардида, дар навбат истодаанд. Аз назари мутахассисони соҳаи тиб барои натиҷаи дилхоҳ додани муолиҷа кӯдаки маъюб бояд дар як сол на кам аз ду маротиба тавонбахшӣ гирад. Барои ҳалли ин мушкилот зарур аст, ки дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, хусусан дар вилояти Хатлон чунин марказҳо таъсис дода шаванд.

Бо фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2011, № 21 меъёри хароҷоти маводи хӯрокворӣ дар муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо, истироҳатгоҳҳо, Литсей-интернати касбии махсуси маъюбон тасдиқ гардида, ба ҳамаи муассисаҳо дастрас гардонида шуд. Тибқи фармони мазкур меъёри хӯрока барои муассисаҳои давлатии хона-интернатҳои беморони касалиҳои рӯҳӣ 8,46 сомонӣ, пиронсолону маъюбони бемориҳои умумӣ 8,31 сомонӣ, барои кӯдакони маъюб 7,88 сомонӣ, Литсей интернати касбии махсуси маъюбон 9,97 сомонӣ ва барои истироҳатгоҳҳо 10,61 сомонӣ ба як нафар дар як шабонарӯз тасдиқ гардид, ки нисбат ба соли 2010 барои хона-интернатҳо 0,50-0,60 сомонӣ, барои хонандагони Литсей-интернат 1,5 сомонӣ ва барои осоишгоҳу истироҳатгоҳҳо 2,0 сомонӣ зиёд аст. Илова бар ин, дар ин давра меъёри хӯроки бошандагон ба воситаи Пажуҳишгоҳи "Ғизо" аз нав таҳия шуд, ки тибқи он меъёри маҳсулоти макаронӣ ба андозаи 0,20-0,30 кг, равған 0,10-0,15 кг, шакар 0,10-0,15 кг, дар истироҳатгоҳҳо ва Литсей-интернат илова бар ин гушт ва маҳсулоти гуштӣ 0,50 кг, нон 0,50 кг зиёд карда шуданд.

Баҳри боз ҳам беҳтар намудани сифати хӯрок ва шароити зисти бошандагон тибқи Фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2011, № 130 роҳбарони муассисаҳои давлатии хона - интернатҳо вазифадор гардиданд, ки аз ҳисоби кӯмакҳои хайрияи воридгардида меъёри хӯрок дар як шабонарӯз то 50 % зиёд карда, алоҳида нишон дода шавад.

Дар ҳамин радиф Агентӣ кӯмакҳои хайриявии дар ин давра ба муассисаҳо воригардидаро ҷамъбаст намуда, барои маҷлиси назоратии назди Вазир гузориш омода намуд. Дар соли 2011 аз тарафи вазорату идораҳои сарпараст, ташкилоту муассисаҳои давлатию ғайридавлатӣ ва шахсони алоҳида ба муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо ба маблағи **995497** сомонӣ, кӯмакҳои хайриявӣ расонида шудаанд. Аз ин, маводи ғизоӣ ба маблағи **565988** сомонӣ, сару либос – **91227** сомонӣ, таҷҳизот – **143248** сомонӣ, маводи хоҷагидорӣ – **21687** сомонӣ, сӯзишворӣ – **14618** сомонӣ, пули нақд **54864** сомонӣ ва дигар маводҳо - **103865** сомониро ташкил медиҳад *(ҷадвал замима мегардад)*.

**Маълумот дар бораи кӯмакҳои хайриявӣ**




Қобили зикр аст, ки ҳаҷми кӯмакҳои хайриявии соли 2011 нисбати соли гузашта 213860 сомонӣ ё ба қадри 27 % афзоиш ёфтааст. Бояд гуфт, ки дар чунин иқдоми нек саҳми сарпарастон, ташкилоту муассисаҳо, аз ҷумла ҶСК «Ориёнбонк», Ширкати алюминии тоҷик, мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва соҳибкорони саховатманд назаррас мебошад.

Соли равон бо иқдоми Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби соҳибкорони ватанӣ Шӯрои сарпарастони хона-интернатҳо таъсис дода шуд, ки бо кӯмаку дастгирии онҳо дар хона-интернати шаҳри Турсунзода таъмири як қисмати бино, дар хона-интернати ноҳияи Ҳисор гузаронидани хати алоҳидаи оби нӯшокӣ ва коркарди чортоқи бинои хона-интернатҳои ноҳияи Восеъ ва шаҳри Ёвон бо маҳлули кимиёвии зиддисӯхтор ба анҷом расонида шуданд.

Бо мақсади таъмини сифату стандарти доруворӣ, беҳтар намудани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба бошандагони хона-интернатҳо мутобиқи талаботи Матритсаи Комиссияи Аврупо доир ба ислоҳоти бахши ҳифзи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон дар доираи Барномаи Иттиҳоди Аврупо оид ба дастгирии сиёсати секторалӣ барои солҳои 2007-2012 Лоиҳаи пилотии Стандартҳои таъминоти доруворӣ дар муассисаҳои давлатии хона-интернатҳои Турсунзода, Ҳисор, Ёвон ва ММТ “Чорбоғ” ҷорӣ гардид, ки ҷиҳати иҷрои он дар хона-интернати шаҳри Турсунзода ва “Маркази милии тавонбахшии Чорбоғ” мониторинги иҷрои Стандартҳо гузаронида шуд.

Дар ҳамин радиф фармоиши Вазир аз 1 июни соли 2011, №94 “Дар бораи тасдиқи меъёри доруворӣ дар муассисаҳои давлатии хона-интернатҳои пилотӣ” ба тавсиб расид, ки тибқи он меъёри маводи доруворӣ дар ин муассисаҳо ба миқдори аз 1,05 то 1,15 сомониро ташкил дод.

Тайи давраи ҳисоботӣ тамоми бошандагони хона-интернатҳо аз ташхиси пурраи тиббӣ гузаронида шуданд. Дар натиҷа 12 нафар шахсони гирифтори бемории сил муайян гардид, ки аз ин миқдор 3 нафар бо сирояти сили фаъол дар муассисаҳои табобатӣ бистарӣ шуда, 9 нафар бо таъиноти духтурони силшинос дар ҳуҷраҳои алоҳидаи хона-интернатҳо табобати заруриро гирифта истодааанд. Дар хона-интернати шаҳри Турсунзода 5 нафар беморони маҷзубият (рӯҳӣ) дарёфт шуданд, ки ба хона – интернатҳои касалиҳои рӯҳӣ гузаронида шуданд. Аз ММТ Чорбоғ ва шӯъбаи кӯдаконаи хона интернати

шаҳри Ёвон 25 нафар кӯдакони синнашон аз 16 сола боло ба хона-интернатҳои беморони рӯҳӣ гузаронида шуданд.

Бо мақсади ҷорӣ намудани тартиби ягона дар хона-интернатҳо қоидаҳои тартиби дохилии муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо барои бошандагон таҳия ва бо қарори ҷаласаи Ҳайати мушовараи вазорат аз 26 майи соли 2011, №23 тасдиқ гардида, ба муассисаҳо дастрас гардонида шуд. Тибқи он дар ошхона, ҷомашӯйхона ва дигар ҷойҳо аз ҳисоби бошандагон бо хоҳиши худашон навбатдорӣ ташкил карда шудааст.

Қобили қайд аст, ки ҳангоми сафари хизматӣ ба минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз МД “Хона-интернати беморони касалиҳои рӯҳии ноҳияи Восеъ” дидан намуда, бо таассуроти хуб баргашт. Баъди он тибқи супориш дар муассисаи номбурда 30 сентябри соли ҷорӣ семинари омӯзиши бо иштироки роҳбарон ва духтурони хона- интернатҳо ва истироҳатгоҳҳо бо ҷалби ташкилотҳои ғайридавлатӣ гузаронид шуда, таҷрибаи пешқадами Муассисаи давлатии “Хона – интернати беморони касалиҳои рӯҳии ноҳияи Восеъ” оиди хизматрасонии иҷтимоию тиббӣ ба бошандагон, истифодаи самараноки хоҷагии ёрирасон ва дуруст ба роҳ мондани муолиҷаи меҳнатӣ дар байни бошандагон, омодагӣ ба мавсими зимистон, пешгирӣ аз ҳодисаҳои сар задани сӯхтор ва дигар масъалаҳои ҳалталаб мавриди омӯзиш қарор дода шуданд.

Бояд қайд кард, ки оиди корҳои зидди сӯхтор дар муассисаҳо Фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ аз 28.02.2011, № 34 «Дар бораи Барномаи таҳкими бехатарӣ аз сӯхтор дар муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо ва истироҳатгоҳҳо» ба тасвиб расид. Дар асоси он то рӯзи 5-уми ҳар моҳ бобати вазъи муассисаҳо ва корҳои анҷомдодашуда баҳри пешгирӣ аз сӯхтор ба вазорат маълумот пешниҳод карда мешавад. Ҳоло муассисаҳо ба қадри зарурӣ бо лавозимоти лозимаи зидди сӯхтор, аз ҷумла воситаҳои автоматии аз сӯхтор воқифкунанда, ҳавзи об, рудаю мил ва сипарҳо таъмин буда, коркарди чортоқҳо бо маҳлули кимиёвӣ, санҷиши муқовимати ноқилҳо ва ғайра ба анҷом расонида шуданд. Аз ҳисоби коргарони муассисаҳо барои пешгирӣ аз сӯхтор гурӯҳҳои ихтиёрии зиддисухторӣ таъсис дода шуда, мунтаззам назорат бурда мешавад. Ғайр аз ин рӯйхати навбатдорон ва телефонҳои навбатдорӣ дар муассисаҳо муайян карда шуда, пайваста назорат бурда мешавад.

Муассисаҳо дар ин давра барои мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2011-2012 нақша-талаботи захираи маводи хӯрокворӣ ва сӯзишвориро таъмин намуда, аз 1-ноябр истифодабарии онҳоро ба роҳ монданд.

Агентӣ нақшаи чорабиниҳои муассисаҳои давлатии хона-интернатҳоро ҷиҳати дар сатҳи баланд гузаронидани ҷашнҳои миллӣ, аз ҷумла Иди Наврӯз, Рӯзи Ғалаба, Иди Ваҳдати миллӣ, ҷашни 20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва Соли нави мелодиро таҳия намуда, рӯйхати мутахассисони Вазорат ва Агентиро барои иштирок ва табрик дар ин муассисаҳо аз тарафи Вазир тасдиқ ва иштироки онҳоро таъмин намуд.

Оиди фаъолияти хоҷагиҳои ёрирасони муассисаҳо бояд қайд намуд, ки онҳо дар ин давра зиёд карда шуданд. Ҷамъулҷамъ дар ин муассисаҳо 80 га заминҳои корам, 10 га боғ, 92 сар чорвои калони шохдор, 275 сар паранда, 43

оилаи занбури асал мавҷуд мебошад. Соли ҷорӣ дар хона-интернати Ёвон 15 оила, дар осоишгоҳи Харангон 8 оила, дар истироҳатгоҳи Ромит 6 оилаи занбури асал ва дар хоҷагии ёрирасони хона-интернати шаҳри Турсунзода бо дастгирии соҳибкорон чорводорӣ ташкил карда шуд. Имсол аз ҳисоби хоҷагиҳои ёрирасони муассисаҳо 217029 сомонӣ даромади соф ба даст оварда шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта қариб 87496 ҳазор сомонӣ ё ба қадри 60 % зиёд аст *(ҷадвал замима мегардад)*.

**Маълумот дар бораи хоҷагиҳои ёрирасон**




**Маълумот**
**дар бораи даромади софи хоҷагиҳои ёрирасон**




Бозомӯзии кормандони муассисаҳои иҷтимоӣ зери назорати қатъӣ қарор дошта, дар ин муддат сарошпазҳо ва сармуҳосибони муассисаҳо дар Маркази таълими калонсолон ва Курсҳои такмили ихтисос омӯзонида шуданд.

Оид ба фаъолияти муассисаҳои давлатии истироҳатгоҳҳо бояд қайд намуд, ки соли ҷорӣ барои дар сатҳи баланд ва босифат гузаронидани мавсими истироҳатӣ тибқи фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.04.2011, №54 гурӯҳи корӣ таъсис додла шуд, ки омодагии Муассисаҳои давлатии осоишгоҳ ва истироҳатгоҳҳоро санҷида бароmаданд. Дар рафти санҷиш як қатор камбудиҳо аз қабили ҷавобгӯ набудани ҳолати санитарӣ-гигиенӣ, кӯҳна будани таҷҳизоти тиббӣ, ҷиҳози ошхона ва ғайра ошкор гардид, ки ҷиҳати бартараф намудани онҳо ва

омодагии муассисаҳо ба мавсими истироҳатӣ нақша - чорабиниҳо таҳия гардида, мавриди иҷро қарор дода шуданд.

Ҳамзамон, фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2011, №65 «Дар бораи қабули собиқадорони ҷангу меҳнат ва маъюбон ба истироҳатгоҳҳои Агентӣ дар мавсими истироҳатии соли 2011» ба тавсиб расид, ки тибқи он ҷадвали бастҳои истироҳатӣ тартиб дода шуда, ба Сарраёсат, Раёсат ва шӯъбаҳои Агентиҳои дар маҳалбуда дастрас гардонида шуд. Дар асоси он истироҳатгоҳи «Дӯстӣ» аз 2 май, осоишгоҳи «Харангон» аз 6 май мавсими истироҳатиро оғоз намуда, истироҳатгоҳи «Ромит» аз 23 май ва истироҳатгоҳи «Ямчун»-и ноҳияи Ишкошим бошад аз 30 май қабули собиқадорони ҷангу меҳнатро оғоз намуданд.

Тибқи ҷадвали тасдиқшуда мавсими истироҳатӣ дар истироҳатгоҳи «Дӯстӣ» 8 баст (560 нафар), Ромит 7 баст (420 нафар), Осоишгоҳи Харангон 6 баст (300 нафар) ба муддати 18 рӯзӣ ва Истироҳатгоҳи Ямчуни ноҳияи Ишкошим бошад, 10 баст (800 нафар) ба муддати 12 рӯзӣ бояд ниёзмандонро ба табобату истироҳат фаро мегирифтанд.

Дар истироҳатгоҳи Дӯстӣ 8 баст (565 нафар), дар истироҳатгоҳи Ромит 7 баст (422 нафар), дар истироҳатгоҳи «Биби Фотимаи Заҳро» 8 баст (зиёда аз 780 нафар) ва дар осоишгоҳи Харангон 416 нафар ва дар маҷмӯъ 2183 табобату истироҳат намуданд *(ҷадвал замима мегардад)*.

Дар арафаи ҷашни 20 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осоишгоҳи Харангон бинои нав барои 50 нафар собиқадорони ҷангу меҳнат кушода бо таҷҳизоти зарурӣ муҷаҳҳаз ва бинои маркази Балҷувон ба истифода дода шуд.

Дар давоми сол аз тарафи кормандони Агентӣ муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо ва истироҳатгоҳҳо мавриди санҷиш қарор гирифтанд. Санҷишҳо нишон дод, ки дар фаъолияти муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо ва истироҳатгоҳҳо то ҳол баъзе камбудиҳо ҷой доранд. Аз ҷумла, ҳолати санитарӣ-гигиении баъзе муассисаҳо ба талабот пурра ҷавобгӯ набуда, меъёри хӯрока, додани меваҷот (100-150 гр.) ба талаботҳои Пажӯҳишгоҳи «Ғизо» пурра мутобиқат намекунанд.

**Кумакҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандон ва собиқадорон**

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ҷиҳати баланд бардоштани сифати хизматрасонии иҷтимоӣ ба эҳтиёҷмандону маъюбон ҳимояи ҳуқуқу ҳифзи иҷтимоӣ ва аз имтиёзҳои муқарраркардаи давлат бархурдор намудани онҳо давоми соли 2011 як қатор корҳоро ба анҷом расонид.

Аз ҷумла, бо мақсади гирифтани кӯмаки моддиву молиявӣ дар ин муддат ба шӯъба 839 ариза ворид гардид, аз онҳо 760 ададашон, ки дар доираи талаботи Созишномаи байни Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи имдоди имом Ҳумайнии Ҷумҳурии исломии Эрон мувофиқ меомаданд, ҷиҳати иҷро ба кумитаи мазкур пешниҳод гардиданд. 79 адади боқимондаашон баррасӣ гашта, ба соҳибонашон посух дода шуд.

Барои аз нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан ба таври ройгон истифода намудан аз номи иштирокчиёну маъюбони ҶБВ, иштирокчиёни ҷанг дар қаламрави дигар давлатҳо, бартарафкунандагони оқибатҳои садамаи Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил ва шахсони зарардида, маъюбони Артиши Шӯравӣ ва шахсоне, ки дар давраи ҶБВ камаш шаш моҳ дар ақибгоҳ кор кардаанд, ё барои меҳнати фидокоронаашон солҳои ҶБВ дар ақибгоҳ бо ордену медалҳои ИҶШС мукофотонида шудаанд, 158 дархост ворид гашт, ки ҳамаи онҳо баррасӣ гардида, шӯъба тибқи меъёрҳои муқарраргардида мактуб омода намуда, ба муассисаҳои дахлдор, аз қабили Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳан»- и Тоҷикистон 57 ва ба Корхонаи воҳиди давлатии ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр» 101 мактуб фиристод.

Ҷиҳати татбиқи Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2010, №586 «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон» интишор гардид. Тибқи қарори номбурда дар шаҳри Истаравшани вилояти Суғд ва ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон ба таври таҷрибавӣ тайи солҳои 2011-2012 ба ҷои кӯмакпулиҳо ва ҷубронпулиҳои солҳои қаблӣ шакли ягонаи кӯмакпулии унвонӣ ба оилаҳои камбизоат, дар ҳаҷми ҳар семоҳа 100 сомонӣ ва дар маҷмӯъ давоми сол 400 сомонӣ ба тариқи таҷриба ҷорӣ гашт. Сараввал, оилаҳои камбизоат аз рӯи нишондоди 160 бал муайян карда мешуданд. Тибқи ин нишондод дар шаҳри Истаравшан ба 3182 оила ва дар ноҳияи Ёвон 3251оила кӯмакпулии унвонӣ таъин шуда буд. Дар асоси фармоиши вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 2011 нишондоди муайян намудани оилаҳои камбизоат ба 180 бал расонида шуд. Бинобар ҳамин, доираи кӯмакгирандагон васеъ шуда, дар шаҳри Истаравшан иловатан ба 2522 оила ва дар ноҳияи Ёвон бошад ба 1659 оила кӯмакпулӣ тайин гардид. Дар соли ҷорӣ шаҳри Истаравшан 5704 оила ва дар ноҳияи Ёвон 4910 оила, ҷамъулҷамъ 10614 оила аз кӯмакпулии унвонӣ бархурдор гардид.

**Хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши муваққатӣ**

Бо мақсади мусоидат ба беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагии сазовор, ҳамгироӣ ва мутобиқати иҷтимоии пиронсолони яккаву танҳо, маъюбон, офиятбахшии кӯдакони имконияташон маҳдуд ва шахсони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта, тавассути хизматрасониҳои иҷтимоӣ, парастории лозима, омӯзиш ва ҳифзи ҳуқуқу манфиятҳои онҳо дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 14 адад Марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ва будубоши рӯзона ва 37 адад шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амал менамоянд. Дар марказҳои минтақавӣ ва будубоши рӯзона 400 нафар кормандони иҷтимоӣ ва техникӣ ба 1863 нафар ниёзмандон хизматҳои иҷтимоӣ-тиббӣ, равонӣ, машваратӣ, ҳуқуқӣ, маърифатӣ расонида, зиёда аз **330** нафари онҳоро ба таври ройгон бо хӯроки гарм таъмин менамоянд. Ҳашт адади ин марказҳо, ки аз тарафи ташкилотҳои ғайридавлатӣ: Ассотсиатсияи Одамият (дар шаҳри Қӯрғонтеппа, ноҳияҳои Хуросон ва Абдураҳмони Ҷомӣ), «Чашмаи Эҳсон» («Офтобак» дар ноҳияи Ҳисор, «Ситора» дар ноҳияи Восеъ, «Умед» дар ноҳияи

Ёвон), «Заршедабону» («Парасту» дар шаҳри Кӯлоб) ва «Нур» («Маркази Нур»дар шаҳри Хоруғ) таъсис дода шуданд, тибқи шартнома Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ва шаш адади онҳоро (дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Истаравшан, ноҳияҳои Бохтар, Вахш, Ғончӣ) мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ маблағгузорӣ менамоянд. Чор адади ин муассисаҳо барои офиятбахшии иҷтимоии кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд пешбинӣ шудаанд. Дар ин марказҳо дар як даври қабул, ки аз 3 то 6 моҳро дар бар мегирад, ба 284 нафар кӯдакони маъюб корҳои профилактикӣ-тавонбахшӣ гузаронида мешавад. Ин марказҳо ба пешравии зеҳнӣ, ҷисмонӣ, эҳсосотӣ ва фарҳангии кӯдакони имкониятaшон маҳдуд мусоидат намуда, ба таври шоиста ҳуқуқи онҳоро ба тандурустӣ, таҳсилот, рушд ва тарбия таъмин мекунанд.

Марказҳои номбурда бо кадрҳои соҳибихтисос, ки бо дастгирии Комиссияи Иттиҳоди Аврупо ва Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз курсҳои омӯзишӣ гузаштаанд, таъмин мебошанд.

Тибқи дастурамали санҷиш ва мониторинги сифати хизматрасониҳо, марказҳои таҷрибавӣ давоми сол бояд ду маротиба санҷида шаванд. Санҷиш/мониторингҳои гузаронидашуда нишон доданд, ки марказҳои будубоши рӯзона барои кӯдакони имкониятaшон маҳдуд фаъолиятaшонро тибқи дастуруламали амалкунанда дуруст ба роҳ монда, ҷиҳати офиятбахшии иҷтимоии кӯдакон саҳми босазо мегузоранд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки фаъолияти марказҳои зикргашта ҷиҳати ҳамгироии кӯдакони маъюб дар ҷомеа бориз мебошад. Баъди офиятгирӣ ҳаракатҳои кӯдакон мавзунтар, дасташон гиро, нутқашон бурро мегардад. Аз ин ҷост, ки қисме аз кӯдакон, баъди офиятгирӣ аз тарафи мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба таълим фаро гирифта мешаванд. Дар маркази «Ситора»-и Восеъ кӯдакони ниёзманд офияти иҷтимоӣ гирифта, ба ҷавонписарону ҷавондухтарони маъюб касбҳои ба талаботи бозори меҳнат мувофиқ, аз қабили гулдӯзӣ, пойафзолдӯзӣ ва кӯҳнадӯзӣ омӯзонида мешавад.

Дар қатори муваффақиятҳои бадастомада дар кори марказҳо баъзе камбудиҳои ҷузъӣ дар ҳуҷҷатгузориҳояшон мушоҳида шуданд. Пеш аз ҳама дар шартномаи байни Агентӣ ва марказҳо басташуда намудҳои хизматрасонӣ ба таври мушаххас нишон дода нашудааст. Дар қисме аз парвандаҳои КИМ нақшаҳои нави инфиродӣ сари вақт таҳия намешаванд. Баъзе кӯдакон зиёда аз 1 сол дар марказ тавонбахшӣ мегиранд, ки шумораи фарогирии КИМ-ро аз тарафи марказ кам менамояд.

Бо вуҷуди он ки сифати ғизоҳои омодашаванда дар сатҳи хуб қарор дошта бошанд ҳам, аммо таркиби онҳо дар хамаи марказҳо якхела нест, чунки меъёри ягонаи хӯрока дар марказҳои будубоши рӯзона барои КИМ таҳия нашудааст.

Муҳайё намудани шароити хуби корӣ дар марказҳо имконият медиҳад, ки сифати хизматрасониҳо боз ҳам беҳтар гарданд. Чунончӣ Маркази будубоши рӯзона барои КИМ-и ноҳияи Восеъ, бинобар сабаби ба хати барқи озод пайваст набуданаш, дар фасли зимистон ба душвориҳо мувоҷҷеҳ мегардад. Бо вуҷуди он, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Восеъ дар ин бора хотиррасон шуда бошанд ҳам, мушкилот ҳанӯз боқист.

Марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ барои пиронсолон ва маъюбон мувофиқи Низомнома метавонанд эҳтиёҷмандонеро, ки ҷои зисти доимӣ надоранд, ба мӯҳлати аз 3 то 6 моҳ бо ҷои зист ва се вақт хӯроки гарм таъмин намоянд. Хилофи низомнома дар марказҳои минтақавии шаҳри Хуҷанд (45 нафар) ва Душанбе (11 нафар) эҳтиёҷмандон солҳо боз сукунат доранд. Бо дастгирии бевоситаи Агентӣ 4 нафар эҳтиёҷмандони заруратдошта аз маркази минтақавии шаҳри Душанбе дар хона-интернатҳо ҷойгир карда шуданд ва кор дар ин самт идома дорад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки барои дар хона-интернатҳо ҷой намудани ниёзмандони дар марказҳо будубошкунанда як қатор мушкилиҳо мавҷуданд. Аксарияти онҳо, ки синнашон ҳанӯз ба нафақа нарасидааст ва гирифтори нуқсони модарзодӣ ё ягон бемории музмин мебошанд, маълумотномаи маъюбӣ ва ҷойи зисти доимӣ надоранд. Барои гирифтани маълумотномаи маъюбӣ Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ бошад, хулосаи тиббиро (формаи 88) фақат аз маркази саломатии маҳалли зист талаб менамояд. Агар Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ хулосаи тиббиро (ф.88), ба таври истисно, аз Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи экспертиза ва барқарорсозии қобилияти кории маъюбон бо статсионар» мегирифт, ҳуҷҷаткунонӣ ва ҷойгир намудани чунин ниёзмандон дар муассисаҳои давлатии хона- интернатҳо осон гашта, кори хайр мешуд.

Вобаста ба талабот ва эҳтиёҷоти истифодабарандагони хизмат шакл ва намудҳои хизматрасонӣ дар марказҳо низ такмил меёбанд. Аз ҷумла, дар марказҳои шаҳри Қурғонтеппа, ноҳияҳои Хуросон ва А.Ҷомӣ имсол ба ҷойи хизматрасонии иттилоотӣ шакли дигари хизматрасонӣ санитариву гигиенӣ роҳандозӣ гардид, ки ба беҳтар гардидани сатҳу сифати хизматрасониҳо мусоидат намуд.

Барои дар хонаҳояшон ба хизматрасониии иҷтимоӣ фаро гирифтани пиронсолону маъюбони яккаву танҳо дар 37 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаъолият намуда истодаанд, ки ба ниёзмандон хизматҳои иҷтимоӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ, маслиҳатӣ ва тиббӣ мерасонанд. Дар ин шӯъбаҳо 748 нафар кормандон ба **5715** нафар эҳтиёҷмандон хизмати иҷтимоиро дар манзилҳои истиқоматиашон ба ҷо меоранд. Фаъолияти ин шӯъбаҳо зери назорати мутахассисони шӯъба ва агентиҳои дар маҳал буда қарор доранд.

Давоми соли сипаригашта аз тарафи мутахассисони Агентӣ фаъолияти 4 шӯъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои шаҳри Душанбе, 2 шӯъбаи мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои тобеъи марказ (Ваҳдат ва Рӯдакӣ), 3 шӯъба дар вилояти Суғд (Панҷакент, Айнӣ ва Б.Ғафуров) ва 1 шӯъба дар вилояти Хатлон санҷида баромада шуданд. Санҷиш нишон дод, ки ҳанӯз ҳам баъзе аз ин шӯъбаҳо баланси мустақили молиявӣ надоранд (Панҷакент, Чкалов). Аксарияти шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ шароити хуби корӣ, аз ҷумла бинои мувофиқ ба талаботи санитарӣ ва бехатарӣ аз сӯхтор ҷавобгӯ надошта, бо телефон ва техникаи компютерӣ муҷаҳҳаз нестанд. Аз ин рӯ, оид ба эҳтиёҷмандон махзани маълумот надоранд. Ҳанӯз ҳам дар байни аксарияти шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона ва зерсохторҳои дар маҳалбудаи Агентӣ ҳамкории зич мушоҳида намегардад. Аз ин ҷост, ки сифати

хизматрасониҳои иҷтимоӣ на дар ҳама шӯъбаҳо ба талаботи рӯз ҷавобгӯ мебошанд. Ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ба сардорони шӯъбаҳо маслиҳатҳои муфид дода шуда, барои баланд бардоштани савияи дониши кормандони иҷтимоӣ ва ошпазҳову муҳосибон дар ҳамкорӣ бо Маркази такмили ихтисоси кормандони Вазорат курс-семинарҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд. Онҳое, ки ин курсҳоро хатм намуданд, соҳиби сертификати тахассусӣ гаштанд.

Дастгирии иҷтимоии маъюбон, таъмини онҳо бо воситаҳои техникии тавонбахшӣ: воситаҳо барои ҳаракат, роҳнамоӣ, муошират ва табодули ахбор, маснуоти протезиву ортопедӣ, пойафзол, ки аз рӯи нишондиҳандаҳои тиббӣ муайян карда мешаванд, дар маркази диққати шӯъба қарор дорад. Аз ин рӯ, ҷиҳати муайян намудани талабот ба воситаҳои болозикр ба агентиҳои дар маҳалбуда барқиянома ирсол гардида буд, ки то 1 декабри соли 2011 дархост пешниҳод намоянд. Мутаассифона, на ҳамаи сохторҳои Агентиҳо оиди иҷрои ин супориш ҷиддан рафтор намуданд. Аз ҷумла, раёсати Агентӣ дар шаҳри Турсунзода, шӯъбаҳои Агентӣ дар ноҳияҳои Тавилдара, Нуробод, шаҳри Роғун доир ба эҳтиёҷот дар мӯҳлати муқарраршуда дархост пешниҳод накарданд. Қариб ҳамаи агентиҳои дар маҳалбуда талаботи эҳтиёҷмандонро дуруст наомӯхта, дархост пешниҳод менамоянд.

Бо вуҷуди он ки аз таъсис додани Агентӣ зиёда аз 4 сол сипарӣ шуда бошад ҳам, на ҳама мақомоти агентӣ дар самти ҳифзи иҷтимоӣ корро дуруст роҳандозӣ намудаанд. Аз ин ҷост, ки маъюбон ҷиҳати бартараф намудани мушкилоташон ба мақомоти болоӣ мурочиат менамоянд. Бинобар ин имсол низ маҷбур шудем, ки 61 нафар эҳтиёҷмандонро ба таври истисно бо аробачаҳои маъюбӣ таъмин намоем.

Таъмини ниёзмандон бо аробачаҳои маъюбӣ дар соли сипаригашта тавассути Корхонаи воҳиди давлатии «Заводҳои протезию ортопедии шаҳри Душанбе» амалӣ гардонида, талаботи 723 нафар маъюбон бо ин воситаи ҳаракат қонеъ гардонида шуд.

Ба мушкилоти маъюбони эҳтиёҷманд диққати ҷиддӣ додан, ҳамгироии онҳо бо аҳли ҷомеъа вазифаи аввалиндараҷаи сохторҳои Агентӣ мебошад. Дар ҳамин радиф бояд қайд намуд, ки аз тарафи Корхонаи воҳиди давлатии «Заводҳои протезию ортопедии шаҳри Душанбе» бо филиалҳояш дар шаҳрҳои Хуҷанд, Кӯлоб ва Хоруғ маъюбони эҳтиёҷманд бо протезҳои пою даст, ортез, пойафзолҳои ортопедӣ ва асобағалҳо таъмин карда шуданд.

Ҷиҳати таъмин намудани маъюбон бо маҳсулоти протезию ортопедӣ, камарбанд, ғуддаи сина, асо, асобағал корхонаи мазкур дар давраи ҳисоботӣ нақшаи истеҳсолиашро ба қадри 109 % иҷро намуд, ки ин маблағи 1837963 сомониро ташкил медиҳад.

**Нишондодҳои истеҳсолии корхона дар соли 2011 тариқи зайл мебошад:**

| № | Номгӯи нишондодҳо | Воҳиди ченак | Дар соли 2011 | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Нақша | Дар асл | % |
| 1 | Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот | сомонӣ | 1690500 | 1837963 | 109 |
| 2 | Истеҳсоли пойафзол аз ҷумла: | ҷуфт | 5100 | 4862 | 97 |
| | -пояфзоли ортопедӣ | ҷуфт | 2100 | 2206 | 105 |
| | -пояфзоли протезӣ | ҷуфт | 3000 | 2756 | 92 |
| 3 | Истеҳсоли протезҳо, аз ҷумла: | адад | 588 | 847 | 144 |
| | -протези пой | адад | 312 | 304 | 97 |
| | -протези даст | адад | 36 | 36 | 100 |
| | -ортез | адад | 240 | 507 | 2 мар.зиёд |
| 4 | Таъмири протез, ортез | адад | 600 | 731 | 122 |
| 5 | Истеҳсоли асобағал | адад | 2150 | 1809 | 84 |

Дар ин давра Корхона ба 129 нафар маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, 55 нафар маъюбони Армияи Шуравӣ, 3989 нафар маъюбони айёми кӯдакӣ, 232 нафар нобиноён, 5992 маъюбони касалиҳои умумӣ ва 22 нафар маъюбони меҳнат хизмат расонидааст.

Бояд зикр намуд, ки ҳамаи хизматрасонӣ аз тарафи корхона ба тариқи ройгон сурат мегирад. Маъюбоне, ки эҳтиёҷ ба маснуоти протезӣ доранд, давоми хизматрасонӣ бо ҷойи хоб ва се вақт хӯроки гарм таъмин шуда, роҳкирои омаду рафташон пардохт карда мешавад.

Баҳри сайқал додани малакаи кории кормандон ва дар ин замина беҳтар намудани сифати маҳсулотҳои протезию ортопедӣ мунтазам чораҳо андешида мешаванд. Аз ин рӯ, бо кормандони сехҳои протез ва ортез тайи 2 моҳ (аз 14.02.2011 то 18.04.2011) аз тарафи мутахассиси баландихтисоси сатҳи байналмилалӣ дарсҳои омӯзишӣ гузаронида шуда, 2 нафар корманд ҷиҳати баланд бардоштани тахассус ба муддати 3 ҳафта ба Ҷумҳурии исломии Эрон фиристода шуданд, ки бо сертификати махсус баргашта, дар корхона фаъолияти худро давом дода истодаанд. Инчунин, барои таъмин намудани корхона бо мутахассисони баландихтиссоси протезсозӣ ва ортопедӣ бо тариқи озмун се нафар довталаб гузашта, ҳоло дар Маркази ортопедии шаҳри Ханойи Ҷумҳурии Ветнам таҳсил намуда истодаанд.

**Бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ**

Дар соли 2011 Агентӣ тавассути тадриҷан дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ тибқи ҳуҷҷатҳои консептуалии соҳа, татбиқи дастуру супоришҳо аз Паёми Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2011 ва роҳандозии шаклу усулҳои нави хизматрасонӣ дар таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳа ва миёнаравӣ дар бозори меҳнат ба дастовардҳои муайян ноил гардид.

Тайи давраи ҳисоботӣ дар асоси таклифу пешниҳод ва иштироки бевоситаи Агентӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва қабул гардиданд, ки бешубҳа барои тақвияти фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар татбиқи босамари сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ нақши муҳим доранд.

Аз ҷумла, дар ҳамин давра қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, №121 «Дар бораи тасдиқи Номгӯи корҳои ҷамъиятӣ», аз 1 апрели соли 2011, №164 «Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи рушди роҳнамоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015», аз 2 июни соли 2011, №277 «Дар бораи Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2011, №724 «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2011, №439 «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2007, №102» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2011, №598 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2013» ба тасвиб расиданд.

Дар заминаи тағйиру иловаҳои воридгардида ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006 №62» таҳия гардида, пас аз мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Итминони комил аст, ки бо қабул ва тадриҷан мавриди амал қарор гирифтани ҳуҷҷатҳои болозикр сатҳу сифати хизматрасониҳо ба аҳолии ниёзманд беҳтар гардида, заминаи мусоид барои афзоиши сатҳи шуғлнокии аҳолӣ ва ба ин васила беҳтар шудани некӯаҳволии шаҳрвандон фароҳам меояд.

Бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба сифати раванди афзалиятноки сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ мадди назар ва таваҷҷуҳи хоси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Дар ҳамин раванд мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҷиҳати танзими масъалаҳои бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, таҳким ва татбиқи босамари сиёсати давлат пайваста амал намуда, дар доираи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2011 аз рӯи 6 самти асосӣ: 1) таъсиси ҷойҳои нави корӣ; 2) миёнаравӣ дар бозори меҳнат; 3) тайёрии касбӣ,

бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси бекорон; 4) дастгирии фаъолияти соҳибкории бекорон; 5) ташкили корҳои ҷамъиятии музднок ва 6) таъин ва пардохти кӯмакпулӣ барои бекорон иҷрои нишондиҳандаҳои барномаро ба андозаи 120,0 фоиз таъмин намуд.

Иҷрои нишондиҳандаҳои асосии Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар солҳои 2010 ва 2011 дар диаграммаҳои 1 ва 2 оварда шудаанд.

**Диаграммаи 1.** Иҷрои нишондиҳандаҳои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар соли 2010.




**Диаграммаи 2.** Иҷрои нишондиҳандаҳои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар соли 2011.




**Дар давраи ҳисоботӣ ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 105302 нафар шаҳрвандон муроҷиат намуданд, ки 64079 нафари онҳо ҳамчун бекор ба қайд гирифта шуда, ба 44315 нафар расман мақоми бекорӣ дода шуд. Тавассути татбиқи чорабиниҳои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар соли 2011 дар маҷмӯъ 32406 нафар шаҳрвандон бо ҷойҳои корӣ таъмин гардиданд, ки 112,1 фоизи нақшаи барномаро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, ба воситаи ҷойҳои кории бандшуда (квотаҳо) 2702 нафар ва тавассути ташкили корҳои фардӣ 3453 нафар соҳиби ҷойи кор шуданд. Дар асоси 227 шартномаҳои тарафайн бо корхонаву ташкилотҳо 5437 нафар ба корҳои ҷамъиятӣ ва 10603 нафар дар марказҳои таълими касбии мақомоти шуғли аҳолӣ ба омӯзиши касбӣ фаро гирифта шуданд. Ба 23364 нафар ҷиҳати интихоби дурусти касбу кор хизматҳои**

**роҳнамоии касбӣ расонида шуд. Ба 6276 нафар бинобар аз даст додани ҷойи кор ба муддати то 3 кӯмакпулӣ барои бекорӣ пардохт гардид. Аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар ҷумҳурӣ дар ин муддат 134513 ҷойҳои кории нав таъсис ёфтанд. Бо мақсади мусоидат барои дарёфти ҷойи кори муносиб ба шаҳрвандон аз ҷониби мақомоти шуғли аҳолӣ дар ин давра 676 ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод гузаронида шуда, 6680 нафар корҷӯён дар ин ярмаркаҳо соҳиби ҷойи кор гардиданд, ба 3543 нафар роҳхат барои касбомӯзӣ дода шуд ва 1399 нафар ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар гардиданд. Бевосита тавассути ташкил ва баргузории ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ 11224 нафар шаҳрвандони бекор ва корҷӯён ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб шуданд (маълумот замима мегардад). Дар маҷмӯъ иҷрои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар ин муддат аз рӯи ҳамаи самтҳо 120,0 фоиз таъмин гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 115,0 фоизро ташкил медиҳад.**

**Вазъи феълии шуғлнокӣ.**

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол аз рӯи баҳои пешакӣ дар моҳи октябри соли 2011-ум 2176,1 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин теъдод 2120,4 ҳазор нафар (97,4 фоиз) дар соҳаҳои иқтисодиёт машғул буда, 55,7 ҳазор нафар расман мақоми бекорӣ гирифтаанд, ки 2,6 фоизи аҳолии дар иқтисодиёт фаъолро ташкил медиҳад. Шумораи аҳолии машғули кор бошад, аз 2104,2 ҳазор нафар дар моҳи октябри соли 2010 то 2120,4 ҳазор нафар дар соли 2011 афзудааст, ки сатҳи афзоиш дар давраи мадди назар ба 0,8 фоиз наздик аст.

Аз шумораи умумии аҳолии машғули кор шахсони дар рӯйхатбудаи кироякор дар корхонаҳои ҳама намуди моликият дар моҳи октябри соли 2011-ум 1036,4 ҳазор нафар ё 48,9 фоизи шумораи умумии аҳолии машғули корро ташкил дод.

Шумораи дар рӯйхатбудаи кормандони кироя дар бахши воқеии иқтисод дар моҳи октябри соли 2011 нисбат ба ҳамин давраи соли 2010-ум 2,3 фоиз кам шуда, 619,5 ҳазор нафарро ташкил дод.

Аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодии бахши хизматрасонӣ бошад, шумораи дар рӯйхатбудаи кормандони кироя дар давраи мадди назар 416,9 ҳазор нафарро ташкил намуд.

Ҳамин тавр, дар моҳи октябри соли 2011-ум 59,8 фоизи кироякорон дар бахши воқеии фаъолияти иқтисодӣ ва 40,2 фоиз дар бахши хизматрасонии фаъолияти иқтисодӣ ба қайд гирифта шуданд.

Аз рӯи сохтори соҳавӣ шуғли кормандони кироя дар моҳи октябри соли 2011 чунин тақсимбандӣ шудааст: дар соҳаи кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ 48,2 фоиз, маориф 17,7 фоиз, тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ 8,1 фоиз, саноати коркард 6,1 фоиз, мақомоти давлатӣ ва мудофиа, суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ 3,4 фоиз, дигар хизматҳои коммуналӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ 3,0 фоиз, нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа 2,7 фоиз, сохтмон 2,6 фоиз, савдо ва таъмир 2,0 фоиз, нерӯи барқ, газ ва таъминоти об 1,7 фоиз, миёнаравиҳои молиявӣ 1,5 фоиз, амалиётҳо бо амволи ғайриманқул, иҷора ва фаъолияти тиҷоратӣ 1,1 фоиз, саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо 1,0 фоиз ва дигар намудҳои фаъолият 0,6 фоиз.

Тавре маълум аст, дар ташкилоту муассисаҳои ҷумҳурӣ ғайр аз кормандони расмӣ қувваи корӣ дар шароити дуҷоякорӣ ва дар асоси қарордоду шартномаҳои хусусияти шаҳрвандию ҳуқуқидошта низ истифода бурда мешавад.

Дар моҳи октябри соли 2011 дар ин шароит 30,3 ҳазор нафар шаҳрвандон машғули кор буданд, ки ин нишондиҳанда ба 2,9 фоизи шумораи ҷойҳои ишғолшудаи корӣ рост меояд.

Теъдоди кормандоне, ки дар шароити дуҷоякорӣ ва бо қарордод дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ кор мекунанд аз 33,1 ҳазор нафар дар моҳи октябри соли 2010 то 30,3 ҳазор нафар дар ҳамин давраи соли 2011 коҳиш ёфтааст. Ба таври дигар, фоизи дуҷоякорон ва шахсони бо қарордод фаъолиятдошта нисбат ба ҷойҳои кори ишғолшуда аз 4,9 фоиз дар моҳи октябри соли 2010 то 2,9 фоиз дар моҳи октябри соли 2011 кам шудааст.

Шумораи кормандони дар шароити дуҷоякорӣ ва бо қарордоди хусусияти шаҳрвандию ҳуқуқидошта коркунанда дар бахши воқеии фаъолияти иқтисодӣ дар моҳи октябри соли 2011-ум 6614 нафар ва дар бахши хизматрасонӣ 23896 нафарро ташкил намуд.

Дар қайди мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ охири моҳи октябри соли 2011-ум 75,0 ҳазор нафар корҷӯён бо назардошти корҷӯёни соли 2010 мавҷуд буд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 14,1 фоиз зиёд мебошад. Танҳо дар моҳи октябри соли 2011 бошад, ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 4,2 ҳазор нафар корҷӯён барои пайдо кардани ҷойи кор муроҷиат намуданд, ки ин дар муқоиса ба соли 2010-ум 3,5 фоиз афзоиш ёфтааст.

Ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар охири моҳи октябри соли 2011 аз ҷониби ташкилоту муассиса ва корхонаҳо 11,9 ҳазор ҷойҳои кории холӣ пешниҳод шуд, ки аз ин теъдод 4,5 ҳазор ҷойҳои корӣ (38,3 фоиз аз шумораи умумии ҷойҳои кори холии пешниҳодшуда) ба касбҳои коргарӣ рост меояд. Талабот ба ҳар як ҷойи кори холии пешниҳодшуда 6,3 нафарро ташкил намуд, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2010-ум 3,2 фоиз афзудааст.

Дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ то охири моҳи октябри соли 2011-ум 55,7 ҳазор нафар бекорон расман ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин шумора 29,3 ҳазор нафар занон (52,5 фоиз) мебошанд.

Сатҳи бекории расман бақайдгирифташуда 2,6 фоизи аҳолии дар иқтисодиёт фаъолро ташкил намуд.

**Таъсиси ҷойҳои кории нав.**

Тибқи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011 дар миқёси ҷумҳурӣ бояд 121129 ҷойҳои корӣ таъсис дода шаванд. Дар соли 2011 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 135263 ҷойҳои корӣ таъсис дода шуд, ки 112,0 фоизи нақшаи пешгӯии Барномаро ташкил медиҳад. Дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 4590 ё 3,5 фоиз ҷойҳои корӣ зиёд таъсис дода шудаанд. Аз ҷумла дар ВМКБ- 8739 ҷой, вилояти Хатлон – 44611, Суғд – 38700, шаҳри Душанбе – 21000, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 22213 ҷойҳои нави кори таъсис дода шудааст.

Вобаста ба соҳаҳои иқтисодиёт дар давраи ҳисоботӣ дар соҳаи сохтмон - 25920, саноат - 14022, кишоварзӣ -18551, нақлиёт ва алоқа - 4300, савдо, хӯроки

умумӣ, таъминоти моддию техникӣ -37283, дигар соҳаҳо – 12798 ва соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ 8255 ҷойҳои корӣ таъсис ёфтаанд.

Таҳлили раванди таъсиси ҷойҳои корӣ вобаста ба соҳаҳои иқтисодиёт нишон медиҳад, ки теъдоди аксари ҷойҳои корӣ ба соҳаи сохтмон (19,2%) ва савдо, хӯроки умумию таъминоти техникӣ (27,6 фоиз) рост меояд.

Аз рӯи шакли моликият таъсиси ҷойҳои кории нав дар корхонаю ташкилотҳои бахши давлатӣ – 14395 адад (10,6%), бахши коллективӣ - 18088 (13,4%), дар корхонаю ташкилотҳо бо шаклҳои гуногуни моликият – 30008 (22,2%) ва дар сектори хусусӣ -72772 ададро (53,8%) ташкил медиҳад. Тавре аз рақамҳо бармеояд наздик 54 фоизи ҷойҳои кории навтаъсис ба сектори хусусӣ тааллуқ доранд, ки ин ҳолат аз рушди соҳибкории хурду миёна дар ҷумҳурӣ гувоҳӣ медиҳад.

Масъалаи хеле муҳим дар ин раванд таъсис додани теъдоди бештари ҷойҳои кории нави арзанда мебошад, ки ба афзоиш ёфтани сатҳи шуғлнокии аҳолӣ таъсири бевосита дорад. Дар навбати худ, таъсис додани ҷойҳои кории арзанда дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба пажӯҳиши амиқ ниёз дорад, яъне зарур аст, ки соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ, ки дар ин соҳаҳо ҷойҳои кории нав бояд таъсис дода шавад, муайян карда шаванд. Барои иҷрои ин кор, зарурияти таҳияи Механизми идораи таъсиси ҷойҳои корӣ дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба миён омадааст.

Аз ин хотир, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират бо мақсади таҳияи ин механизм тасмим гирифтааст, ки бо Пажӯҳишгоҳи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар заминаи супориши техникӣ қарордод ба имзо расонад.

Масъалаи муҳими дигар дар ин самт воқеияти маълумоти омории пешниҳодшаванда оид ба таъсиси ҷойҳои кории нав мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки механизми мавҷудаи баҳисобгирии ҷойҳои кории нави дар соҳаҳои иқтисод таъсисшаванда риоя карда намешавад (қарори Ҳайати мушовараи вазорат аз 6 сентябри соли 2006, №62 “Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои баҳисобгирии ҷойҳои нави корие, ки дар соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешаванд”). Ҳангоми таҳлили маълумотҳо оид ба таъсиси ҷойҳои корӣ дар бораи хусусияти ҷойҳои кории таъсисшаванда маълумот аз ҷониби корфармоён пешниҳод намешавад ва зимни санҷишҳои мутақобила оид ба муайян намудани воқеияти ҷойҳои кории таъсисдодашуда, дар маълумотномаҳо ба иштибоҳ роҳ дода мешавад.

Бо назардошти вазъи ба амал омада ва бо мақсади ҷамъоварии маълумоти воқеӣ оид ба таъсиси ҷойҳои кории нав Фармоиши директори Агентӣ аз 16 сентябри соли 2011, №59 “Дар бораи тақвияти сифати кор дар самти баҳисобгирии таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ” ба тасвиб расид. Дар амал татбиқ намудани ин Фармоиш аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба нофаҳмиҳои ҷойдошта дар масъалаи баҳисобгирии ҷойҳои нави корӣ бояд хотима бахшад.

**Миёнаравӣ дар бозори меҳнат ва мусоидат ба шуғли аҳолӣ.**

Тайи давраи ҳисоботӣ дар маҷмӯъ ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 105302 нафар шаҳрвандон муроҷиат намуданд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2010 (94197) 11105 нафар (11,8 фоиз) зиёд аст.

Аз шумораи мурочиатнамудагон 64079 нафар ҳамчун корчуй ба қайд гирифта шуда, ба 44315 нафари онҳо расман мақоми бекорӣ дода шуд. Шумораи бекорони расман ба қайд гирифташуда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (38591 нафар)  5724 нафар ё  14,8 фоиз зиёд мебошад.

Тавассути мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ тайи давраи ҳисоботӣ 32406 нафар бо ҷойи кор таъмин гардиданд, ки ин нишондиҳанда 112,1 фоизи нақшаи солонаи барномаро ташкил медиҳад. Муқоисаи раванди бо кор таъмин намудани шаҳрвандони бекор ва корҷӯй тавассути татбиқи чорабиниҳои мусоидат ба шуғл тайи соли ҷорӣ ва ҳамин давраи соли гузашта нишон медиҳад, ки маҷмӯан бокортаъминшавӣ дар ин давра 390 нафар ё 1,2 фоиз афзоиш ёфтааст.

Тибқи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ давоми соли ҷорӣ 2702 нафар шаҳрвандони ба ҳимояи махсуси иҷтимоӣ ниёздошта бо ҷойҳои кории аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бандшуда (квота) бо кор таъмин гардиданд, ки ин ба 114,3 фоизи нақшаи солонаи барнома баробар аст. Аз ҷумла, дар ВМКБ 439 нафар, Хатлон 778 нафар, Суғд 654 нафар, шаҳри Душанбе 310 нафар ва шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ 521 нафар шаҳрвандони ба ҳимояи махсуси иҷтимоӣ эҳтиёҷдошта бо ҷойи кор таъмин гардиданд.

Аз ҷумла дар давоми солҳои 2010-2011 дар натиҷаи татбиқи чорабиниҳои Барнома тибқи ҷойҳои кории бандшуда (квота) маҷмӯан 372 нафар маъюбон, 243 нафар шаҳрвандони аз муассисаҳои ҷазои ҷиноӣ озодшуда, 149 нафар шаҳрвандоне, ки барои аз рӯи синну сол ба нафақа баромаданашон 2 сол боқӣ мондааст, 1405 нафар шаҳрвандони то синни 18 сола ва ҷавонони баъди хатми муассисаҳои таълими касбӣ бо ҷойҳои корӣ таъмин гардиданд.

Бояд қайд намуд, ки дар сархати 3 қисми 4 моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ” ва сархати 2 қисми 1 моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон” оид ба пешбинӣ ва истифодаи маблағҳо ҷиҳати таъсиси ҷойҳои корӣ барои шаҳрвандони бекори ба ҳифзи иҷтимоӣ мӯҳтоҷ ва баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии маъюбон дар бозори меҳнат тадбирҳо пешбинӣ шудаанд. Мутаассифона, то имрӯз муқаррароти бандҳои болозикри қонунҳои номбаршуда бе амал боқӣ монда, дар қисмати молиявии Барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ чунин маблағҳо пешбинӣ нашудаанд. Дар асл ин маблағҳое мебошанд, ки ҷиҳати таъсиси ҷойҳои кории махсус барои табақаҳои осебпазир бояд ба корфармоён ҷудо карда шаванд. Ба маънои дигар, ин маблағҳо барои ҳавасмандгардонии корфармоён ҷиҳати таъсиси ҷойҳои корӣ барои табақаҳои осебпазир пешбинӣ ва пардохт карда шаванд ва ин гуна ҷойҳои корӣ, ҷойҳои кории субсидияшуда (махсус маблағгузоришуда) номида мешаванд. Бо назардошти ин ҳолат мувофиқ ба мақсад аст, ки аз ҷониби раёсату шӯъбаҳои дахлдори Вазорат лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Қоидаҳои таъсис ва ҷорӣ намудани ҷойҳои кории субсидияшуда” таҳия карда шавад.

Дар фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ташкил ва гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ба ҳайси яке аз чорабиниҳои фаъоли мусоидат ба шуғл нақши муҳим дорад.

Аз ин хотир, аз оғози соли ҷорӣ Нақшаи чорабиниҳо оид ба гузаронидани ярмаркаҳои соҳавӣ ва минтақавии ҷойҳои кории холӣ аз ҷониби Агентӣ таҳия ва мавриди амал қарор дода шуд.

Мувофиқи нақшаи болозикр аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо 676 ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ гузаронида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 70 адад зиёд мебошад. Аз ҷумла, дар ВМКБ 58 ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ, вилояти Суғд 193, вилояти Хатлон 307, шаҳри Душанбе 32 ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 86 чунин чорабиниҳо ташкил ва баргузор гардиданд. Дар ин ярмаркаҳо 7716 корхонаю муассисаҳо иштирок намуда, ба корҷӯён 151092 ҷойҳои кории холиро пешниҳод намуданд. Дар натиҷаи баргузории ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ 9038 нафар шаҳрвандон ба ҷои кор роҳхат гирифта, аз ин шумора 6680 нафар бо ҷойҳои корӣ таъмин гардиданд. Дар баробари ин, тавассути ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ 3543 нафар шаҳрвандон роҳхат барои касбомӯзӣ ва 1399 нафар ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок гирифтанд. Дар маҷмӯъ тавассути ташкил ва гузаронидани ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ дар давраи баррасишаванда 11224 нафар шаҳрвандон ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб шуданд.

Бояд қайд намуд, ки дар ташкил ва гузаронидани ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ пешниҳоди маълумот аз ҷониби корфармоён оид ба ҷойҳои кори холии мавҷуда нақши муҳим дорад. Дар охири моҳи октябри соли ҷорӣ аз ҷониби корхонаю ташкилотҳо ва муассисаю хоҷагиҳо ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 11694 адад ҷойҳои кории холӣ пешниҳод карда шуд, ки нисбати ҳамин давраи соли 2010 (10473) 1221 ҷойи кор зиёд аст. Аз ҷойҳои кори холии пешниҳодшуда 2430 адад ба соҳаи саноат (музди миёнаи меҳнат 422 сомонӣ), 806 ба соҳаи сохтмон (музди миёнаи меҳнат 526 сомонӣ), 503 ба соҳаи кишоварзӣ (музди миёнаи меҳнат 195 сомонӣ), 321 ба соҳаи нақлиёт ва алоқа (музди миёнаи меҳнат 213 сомонӣ), 1522 ба соҳаҳои маориф ва фарҳанг (музди миёнаи меҳнат 271 сомонӣ), 3430 ба соҳаи тандурустӣ (музди миёнаи меҳнат 198 сомонӣ), 395 ба соҳаи савдо ва хизмати маишӣ (музди миёнаи меҳнат 222 сомонӣ), 729 ба соҳаи манзилию коммуналӣ (музди миёнаи меҳнат 233 сомонӣ) ва 1558 ба дигар соҳаҳо (музди миёнаи меҳнат 322 сомонӣ) рост меояд. Таҳлили таркибии ҷойҳои кории холии пешниҳодшуда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки 29,3 фоизи он ба соҳаи тандурустӣ, 13,0 фоиз ба соҳаҳои маорифу фарҳанг ва 20,7 фоиз ба соҳаи саноат тааллуқ доранд. Тавре аз нишондодҳо бармеояд аксари ҷойҳои кории холӣ ба сектори давлатӣ, яъне аз ҳисоби буҷаи давлат маблағгузоришаванда рост меояд ва сабаби асосии банд нашудани ин ҷойҳои кории холӣ музди меҳнати паст мебошад.

Қайд намудан ҷоиз аст, ки аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар соли ҷорӣ ҳам таҷрибаи ташкил ва гузаронидани ярмаркаи соҳавии ҷойҳои кории холӣ идома ёфта, дар давраи ҳисоботӣ бо Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилоту корхонаҳои Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ 15 ярмаркаи соҳавии ҷойҳои кории холӣ дар миқёси ҷумҳурӣ ташкил ва баргузор гардид.

Илова ба ин, бо мақсади таъмин намудани дастрасии оммавии шаҳрвандони бекор, корҷӯён ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба иттилоот дар самти хизматрасониҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва табодули иттилоот миёни сохторҳои мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва васоити ахбори умум дар ҳамкорӣ бо Созмони байналмиллалии муҳоҷират ва бо дастгирии молиявии Вазорати рушди ҳамкориҳои байналмиллалии Британияи Кабир дар шабакаи Интернет сомонаи «Махзани миллии маълумот оид ба ҷойҳои кори холӣ» бо суроғаи www.kor.tj таъсис дода шуд, ки ин сомона таърихи 28 ноябри соли 2011 расман муаррифӣ гардид.

Таъсис додани сомонаи мазкур дар доираи татбиқи афзалиятҳои муайяншуда дар Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 амалӣ гардида, мубодилаи электронии маълумотро миёни мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ таъмин менамояд ва қадами устувор дар ташкили ин низом буда, дар баробари ин, сомона фаригири маълумот дар бораи тозатарин хабарҳову навгониҳо дар сатҳи қонунгузорӣ, тадбирҳои амалишаванда дар самти мусоидат ба шуғли аҳолӣ, пурсиши корфармоён ва афкори шаҳрвандон мебошад ва имконияти ҳамкориро бо ҷомеа, фаъолияти озод ва фавриро бо васоити ахбори омма таҳким мебахшад.

Инчунин, дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади муайян намудани дурнамои талабот ва пешниҳод ба қувваи корӣ Методикаи пурсиши корфармоён барои муайян намудани талабот ва пешниҳод ба қувваи корӣ таҳия гардид, ки он бо қарори Ҳайати мушовараи вазорат аз 30 июни соли 2011, №31 маъқул дониста шуд. Дар назар аст, ки аз соли 2012 пурсиши корфармоён дар фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ роҳандозӣ мегардад.

Бо ин мақсад алҳол як лоиҳа барои ҷалби маблағҳои зарурӣ ба Ҷамъияти ҳамкориҳои байналмиллалии Олмон пешниҳод шуд ва дар сурати дастгирии ин лоиҳа тадбири пешбинишуда низ амалӣ мегардад.

**Дастгирии фаъолияти соҳибкории бекорон**.

Бо мақсади дастгирии рушди соҳибкорӣ миёни бекорон ва шаҳрвандони корҷуй дар заминаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №62 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои аз ҷониби Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират расонидани хизматҳои машваратӣ ва кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекоре, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ доранд» фаъолият дар ин самт роҳандозӣ гардид.

Дар ҳамин радиф соли 2011 ба 3534 нафар шаҳрвандони бекор дар ҳаҷми 9728755 сомонӣ ё худ ба ҳар як шаҳрванд ба андозаи 68,8 нишондиҳанда барои ҳисобҳо қарзҳои имтиёзнок барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ пардохт гардид.

Тайи давраи ҳисоботӣ аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар ВМКБ ба 803 нафар шаҳрвандони бекор ба маблағи 1746605 сомонӣ, вилояти Суғд ба 953 нафар дар ҳаҷми 2362605 сомонӣ, Хатлон ба 818 нафар

шаҳрвандони бекор ба андозаи 2465526 сомонӣ, шаҳри Душанбе ба 172 нафар ба маблағӣ 699300 сомонӣ, шаҳр ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бошад ба 788 нафар шаҳрвандони бекор дар ҳаҷми 2454719 сомонӣ барои рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ қарзҳои хурди имтиёзнок таъин ва пардохт шуд.

Мувофиқи дурнамои «Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2011» дар соли 2011 ба 2700 нафар шахсони бекор барои инкишоф ва рушди соҳибкорӣ қазҳои хурди имтиёзнок пешбинӣ шуда буд.

Дар муқоиса ба нақшаи асосии Барнома соли ҷорӣ ин нишондиҳанда 130,9 фоизро ташкил намуда, нисбат ба соли 2010-ум (2958 нафар) аз ҷиҳати теъдод 576 нафар ва ҳаҷми маблағи қарзи имтиёзноки ба онҳо додашуда 1792696 сомонӣ зиёд аст.

Таҳлилҳо бар он далелӣ медиҳанд, ки раванди дастгирии шаҳрвандони бекор дар рушди соҳибкорӣ чӣ аз рӯи теъдод ва чӣ аз ҷиҳати маблағгузорӣ сол аз сол тамоюл ба афзоиш дорад (Ниг. ба нақшаи 1)




Тавре аз нишондиҳандаҳои нақша бармеояд пардохти маблағи қарзҳои имтиёзнок тайи солҳои 2008 - 2011 аз 4638053 сомонӣ то 9728755 сомонӣ зиёд шудааст, ки афзоиши солонаи он тайи ин давра ба ҳисоби миёна 7185102 сомониро ташкил медиҳад.

Теъдоди шаҳрвандони бекоре, ки ба онҳо қарзи имтиёзнок дода шудааст нисбат ба соли 2008-ум 707 нафар афзуда, дар маҷмӯъ давоми солҳои 2008 - 2011 аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба 12371 нафар шаҳрвандони бекор дар ҳаҷми 28 740 409 сомонӣ қарзҳои имтиёзнок дода шудааст.

Самти фаъолияти соҳибкории шаҳрвандони бекор дар ҷумҳурӣ асосан ба соҳаҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ равона гардидааст.

Аз ҷумла соли ҷорӣ, тавассути мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ барои пешбурди фаъолияти истеҳсолӣ ба 1732 нафар шаҳрвандони бекор дар ҳаҷми 5133240 сомонӣ, фаъолияти тиҷоратӣ ба 1237 нафар шахсони бекор ба андозаи 3015914 сомонӣ ва фаъолияти хизматрасонӣ ба аҳолӣ бошад ба 565 нафар шаҳрвандони бекор ба маблағи 1579601 сомонӣ қарзҳои имтиёзнок пардохт гардидааст.

Қайд намудан ба маврид аст, ки ҳамасола шумораи шаҳрвандоне, ки барои рушди фаъолияти истеҳсолӣ  аз қарзҳои имтиёзнок бархурдор мешаванд, рӯ ба афзоиш дорад. Агар дар соли 2008 барои рушди фаъолияти истеҳсолӣ ҳамагӣ ба 1325 нафар шаҳрвандон дар ҳаҷми 2652683 сомонӣ қарзҳои хурди имтиёзнок дода шуда бошад, пас ин нишондод мутаносибан дар соли 2011 ба 1732 ва 5133240 сомонӣ расид, ки ин раванд тайи солҳои 2008- 2011 дар нақшаи 2 ифода ёфтааст:

**Нақшаи 2.**




Дар ин самти фаъолият ба дастгирии ташаббуси занону ҷавонон низ аҳамият дода шуда, давоми соли равон ба 1664 нафар занон дар ҳаҷми 4605017 сомонӣ қарзҳои хурди имтиёзнок пардохт гардид.

Аз ҷумла, аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар ВМКБ ба 369 нафар занони бекор ба маблағи 849473 сомонӣ, вилояти Суғд ба 515 нафар дар ҳаҷми 1275807 сомонӣ, вилояти Хатлон ба 384 нафар ба андозаи 1158797 сомонӣ, шаҳри Душанбе ба 89 нафар ба маблағӣ 363636 сомонӣ, шаҳр ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бошад ба 307 нафар дар ҳаҷми 957340 сомонӣ барои рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ қарзҳои хурди имтиёзнок доданд.

Инчунин, ба 1202 нафар ҷавонони бекор барои рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ 3307777 сомонӣ, қарзҳои хурди имтиёзнок дода шудааст.

Ин нишондиҳандаҳо дар муқоиса ба соли 2008 аз ҳисоби занон 230 нафар ва аз ҳисоби ҷавонон 84 нафар зиёд мебошад.

**Нақшаи 3.**




| | Соли 2008 | Соли 2009 | Соли 2010 | Соли 2011 |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи умуми | 2827 | 3052 | 2958 | 3534 |
| Занон | 1431 | 1457 | 1339 | 1664 |
| Чавонон | 1118 | 1076 | 1045 | 1202 |

Бо мақсади тақвият бахшидани ин самти фаъолият соли ҷорӣ аз ҷониби Раёсати бозори меҳнат ва шуғли аҳолии Агентӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №62» таҳия гардида бо Вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа шуд ва феълан дар баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Дар лоиҳа пешниҳодот ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкории судманд бо ташкилотҳои сармоявии ватанию хориҷӣ, ҷалби воситаҳои молиявӣ барои амалӣ намудани чорабиниҳо ҷиҳати таъмини худиштиғолии аҳолӣ, ташкили сиёсати фаъол дар бозори меҳнат ва эҳёи фаъолияти соҳибкорӣ дар байни бекорон ва муҳоҷирони меҳнатии ба ватан баргашт ворид карда шуданд.

Яке аз масъалаҳои хеле муҳим дар ин самти фаъолият таъмини ҷараёни баргардонидани маблағҳои барои дастгирии шахсони бекор дар инкишоф ва рушди соҳибкорӣ додашуда мебошад.

Нисбати ин масъала диққати ҷиддӣ зоҳир гардида, давоми соли 2011 аз ҷониби раёсат ва шӯъбаҳои Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар ҳаҷми 8058494 сомонӣ қарзҳои имтиёзнок саривақт баргардонида шуданд, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2010-ум 1048371 сомонӣ зиёд мебошад.

Тайи давраи ҳисоботӣ аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар ВМКБ 1478814 сомонӣ, вилояти Суғд 2013916 сомонӣ, Хатлон 2034398 сомонӣ, шаҳри Душанбе 627307 сомонӣ ва шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бошад, дар ҳаҷми 1904060 сомонӣ қарзҳои имтиёзнок баргадонида шуд.

Динамикаи бозгашти қарзҳои имтиёзнок давоми солҳои 2008 – 2011 дар нақшаи 4 оварда шудааст.

**Нақшаи 4.**




Ҳаҷми маблағи пушаймонаи рӯёнидашуда барои саривақт барнагардонидани қарзҳои имтиёзнок бошад, дар ин давра 17783 сомониро ташкил медиҳад.

Новобаста аз ин дар ин самт то ҳол мушкилот ҷой дорад, ки ҳалли фавриро талаб мекунанд. Ҳаҷми маблағҳои қарзие, ки саривакт баргардонида нашудаанд тибқи маълумоти фаврӣ ба ҳолати 29 декабри соли 2011 дар миқёси ҷумҳурӣ **241820** сомонӣ, ё худ 2,1 фоизи ҳаҷми умумии сандуқи қарзҳои имтиёзнокро ташкил медиҳад.

Андозаи қарзи имтиёзноки саривақт баргардониданашуда дар ВМКБ 15267 сомонӣ, дар вилоятҳои Хатлон 49275, Суғд 5670, дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе, аз ҷумла ноҳияи Сино 18000 сомонӣ, Шоҳмансур 55588, Фирдавсӣ 59553, маҷмӯан 133141 сомонӣ ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бошад 38385 сомониро ташкил медиҳад.

**Тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси бекорон.** Дар самти касбомӯзӣ ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор, шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ ва ташкили курсҳои касбомӯзии худмаблағгузорӣ аз оғози соли равон Барномаи махсус таҳия шуда, аз ҷониби Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи 12 феврали соли ҷорӣ ба имзо расид ва тавассути муассисаҳои таълими касбии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва дигар муассисаҳои таълими касбӣ маҷмӯан 44158 нафар шаҳрвандони бекор ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ, шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла, тавассути роҳхатҳои мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар муассисаҳои таълими касбии системаи Агентӣ 10603 нафар ва бо роҳи худмаблағгузорӣ дар муассисаҳои таълими касбии система ва дигар муассисаҳои таълимӣ 20554 нафар ба омӯзиши касбӣ фаро гирифта шуда, малакаҳои касбии 10842 нафар шаҳрвандон ва муҳоҷирони меҳнатӣ бошад, бо шаҳодатнома тасдиқ карда шуданд.

Илова ба ин, 1565 нафар тавассути марказҳои таълимии намояндагии Кумитаи имдоди Имом Ҳумайнии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон ва

594 нафар дар ҳамкорӣ бо дигар созмонҳо ба омӯзиши касбӣ фаро гирифта шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар 28 муассисаҳои таълими касбии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ тибқи Барнома 10603 нафар бекорон аз рӯи 40 номгӯи ихтисосҳои мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат ба касбомӯзӣ фаро гирифта шуданд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли сипаришуда (9141 нафар) 1462 нафар зиёд буда, 120,1 фоизро аз иҷрои нақша ташкил медиҳад. Аз теъдоди ба касбомӯзӣ фаро гирифташудагон дар муассисаҳои таълими касбии системаи Агентӣ занону духтарон 7244 нафар ва ҷавонон 7464 нафарро ташкил медиҳанд.

Дар давраи мадди назар, аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар ВМКБ 958 нафар, Суғд 2608, Хатлон 2788, шаҳри Душанбе 1788 ва шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ 2461 нафар шаҳрвандони бекор ба омӯзиши касбӣ фаро гирифта шуданд.

Аз 10603 нафар шаҳрвандоне, ки аз ҳисоби Барнома ба касбомӯзӣ ҷалб шуда буданд, 9669 нафари онҳо курсҳои касбомӯзиро хатм намуда, 5894 нафар бо ҷойи кор таъмин гардиданд, ки бокортаъминкунӣ аз ҳисоби тайёрии касбӣ 55,5 фоизро ташкил медиҳад.

Инчунин, тавассути амалӣ намудани нақшаҳои иловагӣ дар ҳамин давра дар ВМКБ (160 нафар), Суғд (160 нафар), шаҳру навоҳии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон (260 нафар), шаҳри Душанбе (100 нафар), ноҳияҳои минтақаи Рашт (150 нафар) ва шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ (270 нафар) занону духтарон аз оилаҳои камбизоат ба касбомӯзӣ ҷалб гардиданд.

Дар нақшаҳои 5 ва 6 раванди фарогирии шаҳрвандон ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ дар солҳои 2007-2011 бо назардошти тамоюли гендерӣ ва номгӯи касбу ихтисосҳо оварда шудаанд.

**Нақшаи 5.** Фарогирии шаҳрвандон ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ дар солҳои 2007-2011 бо назардошти тамоюли гендерӣ




**Нақшаи 6**. Гурӯҳбандии фарогирии шаҳрвандон ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ вобаста ба номгӯи касбу ихтисосҳо дар муассисаҳои таълими касбии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар соли 2011




Қайд намудан ҷоиз аст, ки наздик 34,0 фоизи касбомӯзон ба ихтисоси дӯзандагӣ, 17,2 фоиз ба ихтисоси асосҳои омӯзиши компютер, 8,6 фоиз кафшергари газию баркӣ, 2,5 фоиз баркчӣ, 7,9 фоиз хизматрасонӣ ба аҳолӣ, 3,7 фоиз сохтмончӣ ва 3,9 фоиз ба омӯзиши касби қаннодӣ ҷалб шудаанд. Таҳлили раванди ба омӯзиши касбӣ фаро гирифтани шаҳрвандон аз он далолат медиҳад, ки дар муассисаҳои таълими касбии система омӯзиши касбҳои коргарӣ ва забонҳо дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ нашудааст.

Бо назардошти муҳим будани ин ихтисосҳо барои бо кор таъмин шудани шаҳрвандони бекор ва муҳоҷирони меҳнатӣ зарур аст, ки ба тақвияти омузиши касбу ихтисосҳои мазкур дар фаъолияти минбаъда диққати зарурӣ дода шавад.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари ба тайёрии касбӣ фаро гирифтани миқдори муайяни шаҳрвандони бекор, сифати таълими касбӣ аҳамияти хеле муҳим дорад ва бо ин мақсад мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ тавассути татбиқи нақшаи чорабиниҳои Барномаи рушди таълими калонсолони Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 пайваста тадбирҳоро амалӣ намуда истодааст.

Аз ҷумла, мувофиқи банди 13 нақшаи болозикр барои азнавсозии заминаи моддию техникӣ, таълимию методӣ ва таълимию истеҳсолии Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон ва филиалҳои он дар вилоят ва шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ корҳи муайяне ба итмом расидаву идома доранд. Дар ҳамин радиф, дар ҳамкорӣ бо Ҷамъияти ҳамкориҳои байналмиллалии Олмон таҷҳизот барои омӯзиши касби «Таъмири автомобил» ба филиалҳои Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» дар шаҳри Душанбе ва Кӯлоб, барои омӯзиши касби «Сохтмончӣ» ба филиали марказ дар шаҳри Конибодом, 10 адад компютер ва 8 адад мошинаи дарздӯзӣ ба филиали марказ дар ноҳияи Мастчоҳ дастрас гардида, инчунин бо кӯмаки ин ҷамъият таъмир ва таҷхизонидани синфхонаҳои таълими касбӣ дар филиалҳои марказ дар шаҳрҳои Исфара, Панҷакент ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров идомаву анҷом дорад.

Инчунин, бо дастгирии молиявии Хазинаи дастгирии таҳсилот ва таълимоти касбӣ синфхонаи омӯзиши касби «Сартарош-ороишгари мӯй» -и филиали «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» дар шаҳри Хоруғ таҷҳизонида шуда, барои истифода пурра омода гардид.

Тавассути ҳамкорӣ бо Раёсати ҳамкорӣ ва рушди Туркия (TIKO) таъмири бинои толори варзишӣ ва тарабхонаи таълимии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» ба анҷом расида, то охири соли ҷорӣ аз ҷониби ин Раёсат барои омӯзиши касбҳои «Ошпаз», «Пешхизмат», «Қаннод», «Кафшергар» ва «Бармен» таҷҳизоти зарурӣ ворид ва васл карда мешавад.

Аз ҷониби намояндагии Кумитаи имдоди имом Ҳумайнии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон бошад, мошинаҳои дарздӯзӣ ба филиалҳои «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» дар ноҳияҳои Рашт ва Дарвоз барои омӯзиши касбӣ «Дӯзанда» дастрас гардиданд.

Ба ин нигоҳ накарда, масъалаи таҳкими заминаҳои моддию техникӣ, таълимию методӣ ва таълимию истеҳсолии филиалҳои навтаъсиси «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» дар ноҳияҳои Фархор, Ёвон, Қубодиён, Шӯрообод, Файзобод, Ванҷ, Дарвоз ва шаҳри Истаравшан ҳалталаб боқӣ мемонад ва бо мақсади ҳалли ин масъалаҳо аз ҷониби «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» чораҷӯиҳо идома доранд.

Бо мақсади рушди иқтидори кадрии системаи таълими калонсолони Тоҷикистон кормандони марказ ва филиалҳои он мунтазам ба семинару машваратҳое, ки дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ ташкил карда мешаванд иштирок доранд.

Аз ҷумла, моҳҳои апрел ва октябри соли 2011 директорони филиалҳои марказ ва кормандони онҳо дар семинарии омӯзишие, ки дар ҳамкорӣ бо Ҷамъияти ҳамкориҳои байналмиллалии Олмон дар шаҳри Душанбе баргузор шуд иштирок намуда, бо қоидаҳо ва тартиби истифодаи интернет шинос гардиданд.

Дар давраи ҳисоботӣ маҷмӯан 4 семинари омӯзишӣ дар ҳамкорӣ бо Хазинаи маорифи Аврупо ва 4 семинар бо Ҷамъияти ҳамкориҳои байналмиллалии Олмон гузаронида шуд, ки дар ин семинарҳои кормандони марказ ва сохторҳои тобеи он иштирок намуданд.

Илова ба ин, аз 17 то 22 – ми октябри соли 2011 дар ҳамкорӣ бо Ассотсиасияи таълими калонсолони Тоҷикистон «Ҳафтаи таълими калонсолони Тоҷикистон» гузаронида шуд, ки ин ҳама тадбирҳо ба баланд бардоштани сатҳи малакаи касбии кормандони марказ ва сохторҳои тобеи он нигаронида шудаанд.

Барои таҳияи барномаҳои махсуси модулӣ ва гузаштани филиалҳои Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон ба таълими модулӣ тадбирҳои зарурӣ оид ба такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон, устоҳои таълими истеҳсолӣ, таҳияи барнома ва нақшаҳои таълимӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои гузариш ба таълими модулӣ пайваста амалӣ мешаванд.

Ибтидо аз соли 2008 то ба имрӯз ҳамкорӣ бо Барномаи «Дастгирии раванди ислоҳоти соҳаи маълумоти касбӣ»-и Ҷамъияти ҳамкориҳои байналмиллалии Олмон идома дорад. Ҳадафи асосии лоиҳаи мазкур беҳтар намудани тамоюли таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таҳсилоти касбии калонсолон барои рушди иқтисодиёт ва мусоидат ба шуғли аҳолӣ мебошад.

Дар доираи ин лоиҳа дар дастгоҳи марказии Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» ва филиалҳои он барои тайёр намудани мутахассисони соҳа ва сайқал додани малакаю маҳорати касбии омӯзгорон ҷиҳати гузариш ба омӯзиши модулӣ тренингҳо, семинарҳои амалӣ, курсҳои

такмили ихтисос гузаронида шуда, устохонаҳо, озмоишгоҳҳо ва синфхонаҳои таълимӣ доир ба ихтисосҳои таҷрибавӣ (пилотӣ) дар соҳаҳои хизматрасонӣ, коркарди меваю сабзавот, рӯғордорӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ ба табақаҳои ниёзманди аҳолӣ бо воситаҳои таълимии муосир таҷҳизонида шудаанд.

Ҳамчунин, дар доираи лоиҳаи Ҷамъияти ҳамкориҳои байналмиллалии Олмон, Созмони байналмиллалӣ оид ба муҳоҷират ва UNDP дар ҷодаи таълими касбӣ бахши «Рушди иқтисодии деҳот» амал мекунад.

Мувофиқи ин лоиҳа бо дастгирии ташкилотҳои болозикр дар филиалҳои Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» дар шаҳри Конибодом аз рӯи ихтисосҳои «Сохтмончӣ» ва «Консервакунонии меваю сабзавот» ва дар шаҳри Исфара аз рӯи ихтисосҳои «Сохтмончӣ», «Челонгари газу барқ», «Барқчӣ», «Харрот», «Сантехник», «Танзимгари компютер» курсҳои касбомӯзии калонсолон бо татбиқи барномаҳои модулӣ ташкил карда шудаанд.

Бо мақсади дастгирии маслиҳатию машваратӣ ва мутобиқгардонии муҳоҷирони меҳнатии ба Ватан баргашта ба бозори меҳнати дохилӣ дар Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» Маркази реинтеграсияи муҳоҷирони меҳнатӣ ташкил карда шуд, ки феълан фаъолият дорад.

Мувофиқи талаботи бандҳои 9, 14 ва 18 Нақшаи татбиқи «Барномаи рушди таълими касбии калонсолон дар Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» дар барномаҳои таълимии зиёда аз 28 касбу ихтисосҳо бо мақсади ба талаботи бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар ҷавобгӯ намудани онҳо таълими фанҳои «Асосҳои соҳибкорӣ», «Асосҳои ҳуқуқ», «Забони русӣ» ва инчунин мавзӯъҳо оиди шиносоӣ бо қонунгузории давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ ворид карда шуда, дар Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардиданд.

Масъалаи муҳими дигар дар фаъолияти Агентӣ роҳандозии роҳнамоии касбӣ миёни ҷавонон ва шаҳрвандони бекор мебошад.

Бо назардошти муҳим будани ин самти фаъолият дар давраи ҳисоботӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2011, №164 «Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи рушди роҳнамоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» ва Фармоиши Агенти аз 4 майи соли 2011, №29 “Дар бораи тадбирҳои иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2011, №164 “Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи рушди роҳнамоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015” таҳия ва қабул гардиданд, ки мувофиқи ин санадҳо дурнамои нақшаи фаъолият дар ин соҳа муайян шуд.

Дар ҳамин замина фаъолияти “Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ” роҳандозӣ шуда, дар давраи ҳисоботӣ кормандони соҳаи роҳнамоии касбӣ ҷамъ ба 23364 нафар хизмати касбӣ расониданд.

Аз ҷумла дар ВМКБ ба 1588 нафар, вилояти Суғд 5216, Хатлон 5004, шаҳри Душанбе 6790 ва дар шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ ба 4766 нафар хизмати касбӣ расонида шуд.

Аз теъдоди умумии шаҳрвандоне, ки ба онҳо хизмати касбӣ расонида шуд 8317 нафарро бекорон, 2980 нафарро занон, 491 маъюбон, 3296 ҷавонони синни

15 то 29 сола, 715 ҷавонони аз сафи Артиши миллӣ озодшуда ва 835 нафарро шахсони маълумоти олидошта ташкил медиҳанд.

Аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ дар асоси нақшаи чорабиниҳо аз Барномаи рушди роҳнамоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 доир ба 7 мавзӯъ барномаи гузаронидани тадқиқоти сотсиологӣ таҳия шуда, бо шӯъбаи “Фалсафа”- и Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуд. Дар ҳамин радиф ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Ҷамъияти ҳамкориҳои байналмиллалии Олмон ба роҳ монда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ инчунин аз ҷониби мутахассисони марказ 3 семинар-машварати ҷумҳуриявӣ: дар ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳри Хуҷанд ва Душанбе гузаронида шуд.

Илова ба ин, доир ба мавзӯҳои “Роҳҳои баланд бардоштани раванди касбинтихобкунии ҷавонон ва бозомӯзии калонсолон”, “Зарурият ва ташаккули зеҳнии ҷавонон доир ба интихоби касб дар шароити иқтисоди бозоргонӣ” низ семинарҳои машваратӣ доир гардида, тавзеҳномаҳои “Маслиҳати равоншинос ба касбинтихобкунанда”, “Усулҳои омӯзиши шахсият” ва тавсияҳои методӣ “Оиди гузаронидани машваратҳои касбӣ бо аҳолии бекор ва шахсони корҷӯ” ба нашр расиданд.

**Ташкили корҳои ҷамъиятии музднок.**

Дар давраи ҳисоботӣ тибқи 227 шартномаҳои тарафайн бо корфармоён 5437 нафар бекорони дар қайди мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ буда ба корҳои ҷамъиятӣ фаро гирифта шуданд, ки нисбати пешгӯии Барнома 122 фоизро ташкил намуда, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта (6645 нафар) 1208 нафар кам мебошад.

Сабаби асосии камшавии теъдоди шаҳрвандони ба корҳои ҷамъиятии музднок сафарбаршуда дар он аст, ки аз ҷониби корфармоён дар масъалаи маблағгузории ин чорабиниҳо беэътиноӣ зоҳир гардида, на дар ҳама ҳолатҳо мақомоти иҷроия ва корфармоён қудрати пардохти маблағҳои нақдиро барои иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок доранд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабаби дигари ин ҳолат дар барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ пешбинӣ нагардидани масъалаҳои вобаста ба мусоидат ба шуғли аҳолӣ, аз ҷумла эътибор надодан ба ташкили корҳои ҷамъиятии музднок ба ҳайси чораи муваққатии ба шуғл ҷалб намудани шаҳрвандони бекор мебошад.

Новобаста аз ин, бо ибтикорӣ мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар давраи ҳисоботӣ дар натиҷаи ташкили корҳои ҷамъиятии музднок 2301 нафар занон ва 2075 нафар ҷавонон ба иҷрои ин корҳо ҷалб гардиданд, ки аз ҷумлаи аҳолии дар бозори меҳнат осебпазир мебошанд.

Дар миқёси вилоят ва шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ бошад, дар давраи ҳисоботӣ дар ВМКБ 722 нафар, вилояти Суғд 1190 нафар, вилояти Хатлон 1892 нафар, шаҳри Душанбе 344 нафар ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 1289 нафар шаҳрвандони бекор ба корҳои муздноки ҷамъиятӣ ҷалб гардиданд.

Илова ба ин, дар соли равон мувофиқи нақшаи иловагӣ дар ноҳияи Рашт 50 нафар аз шаҳрвандони бекор, Ҷиргатол 50 нафар ва шаҳри Табошар 20 нафар

ба корҳои ҷамъиятӣ сафарбар шуда, барои иҷрои ин корҳо маҷмӯан 9,6 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид.

Дар нақшаи 7 маълумот оид ба ҷалби шаҳрвандони бекор дар иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок вобаста ба намуди корҳои ҷамъиятӣ гурӯҳбандӣ шудааст.

**Нақшаи 7.** Ҷалби шаҳрвандони бекор ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок вобаста ба номгӯи корҳои ҷамъиятӣ




Тавре аз нишондиҳандаҳои нақша бармеояд, 38,3 фоизи шаҳрвандон ба корҳои ҷамъиятӣ аз қабили ободонӣ ва кабудизоркунии ҳудуди шаҳру ноҳияҳо, 33,1 фоиз иҷрои намуди ҷудогонаи корҳои кишоварзӣ, 9,9 фоиз корҳои обёрӣ ва ирригатсионӣ, 8,0 фоиз барқарор намудани иншооти иҷтимоӣ ва 5,2 фоиз дар сохтмони роҳ ҷалб карда шудаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки танҳо наздик 30 фоиз аз ин номгӯи корҳои ҷамъиятӣ тариқи шартномаҳо бо корфармоён ташкил карда шудааст, ки ин нокифоя буда, вобаста ба шароити маҳалҳо ташкил намудани дигар намуди корҳои ҷамъиятиро тақозо менамояд.

Аз ин хотир, бо назардошти нақши муҳим доштани ташкили корҳои ҷамъиятӣ дар бокортаъминшавии шаҳрвандони бекор, ҷиҳати тақвият бахшидан ба фаъолият дар ин самт ва ҳавасмандгардонии шаҳрвандони бекор барои иштирок дар корҳои ҷамъиятии музднок бо Фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 январи соли 2011, №4 “Дар бораи танзим намудани низоми ташкили корҳои ҷамъиятӣ” андозаи иловапулӣ ба музди меҳнати ин шаҳрвандон ба андозаи ҳади аққали музди меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар карда шуд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, №121 «Дар бораи тасдиқи Номгӯи корҳои ҷамъиятӣ» ва Фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 апрели соли 2011, №56 “Дар бораи тадбирҳои иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, №121 “Дар бораи тасдиқи номгӯи корҳои ҷамъиятӣ” иҷрои 53 номгӯи корҳои ҷамъиятӣ тасдиқ шудааст.

**Таъин ва пардохти кумакпулӣ барои бекорӣ**. Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» ҷиҳати

дастгирии иҷтимоии шаҳрвандони бекор ба онҳо кӯмакпулӣ барои бекорӣ пардохт карда мешавад. Дар ин раванд тайи давраи ҳисоботӣ, аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба 6276 нафар шаҳрвандон ба маблағи 2 245 864 сомонӣ кӯмакпулӣ оиди бекорӣ пардохт карда шуд, ки нисбати иҷроиши Барнома 118,8 фоизро ташкил намуда, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2010-ум (3476 нафар ва 1669221 сомонӣ) теъдодан 2800 нафар зиёд ва 576643 сомонӣ зиёд мебошад.

Аз ҷумла, дар ВМКБ ба 740 нафар 456180 сомонӣ, вилояти Суғд ба 1693 нафар 577356 сомонӣ, вилояти Хатлон ба 2354 нафар 539786 сомонӣ, шаҳри Душанбе ба 515 нафар 286965 сомонӣ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба 974 нафар 385577 сомонӣ кӯмакпули барои бекорӣ ба шаҳрвандони бекор пардохт карда шуд.

Илова ба ин, мувофиқи нақшаи иловагӣ дар ҳамин давра дар ВМКБ ба 481 нафар шаҳрвандони бекор ба маблағи 132, ҳазор сомонӣ, Суғд ба 483 нафар ба маблағи 157,5 ҳазор сомонӣ ва Хатлон ба 33 нафар ба маблағи 15,0 ҳазор сомонӣ кӯмакпулиҳо барои бекорӣ таъин карда шуд.

Бо мақсади дастгирии молиявии занони бекор бошад, тайи давраи ҳисоботӣ ба 663 нафар занон дар ҳаҷми 414354 сомонӣ кӯмакпулӣ барои бекорӣ таъин ва пардохт гардид.

Тавре маълум аст дар арафаи ҷашни 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби роҳбарият ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон боз як икдоми башардӯстона амалӣ шуда, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф" аз 20 августи соли 2011, №764 ба тасвиб расид.

Дар пайваст ба ҳамин, ҷиҳати татбиқи Қонуни мазкур мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҳамкориро бо мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, судҳо ба роҳ монда, аз давраи қабули ин қонун 1211 нафар шаҳрвандонеро, ки аз муассисаҳои ҷазои ҷиноӣ озод шуданд, ба қайд гирифтанд. Аз ин теъдод ба 944 нафар ба мӯҳлати 3 моҳ кӯмакпулӣ барои бекорӣ ба андозаи музди меҳнати ҳадди ақал таъин шуда, 62 нафар дар ташкилоту муассисаҳо бо ҷойи кор таъмин карда шуданд, 8 нафар ба омӯзиши касбӣ фаро гирифта шуда, ба 7 нафар қарзи имтиёзнок барои соҳибкории инфиродӣ пардохт гардид.

Аз теъдоди умумии муроҷиаткардагон ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ аз ҳисоби шаҳрвандони аз муассисаҳои ҷазои ҷиноӣ озодшуда, 35 нафарро занон ва 11 нафарро маъюбону нафақагирон ташкил медиҳанд.

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират тасмим гирифтааст, ки дар масъалаи дастгирии иҷтимоии шаҳрвандоне, ки тибқи қонуни болозикр аз муассисаҳои ҷазои ҷиноӣ озод шудаанд тамоми тадбирҳои заруририро меандешад ва раванди татбиқи амали қонун мадди назари доимии мақомот қарор дорад.

Ҳамин тавр, масъалаҳои танзиму густариши бозори меҳнат, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ дар самти мусоидат ба шуғл мадди назари доимии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ қарор дошта, бо таҳкими заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, роҳандозии шаклу усулҳои нави хизматрасонӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти мавҷуда тадбирҳо тадриҷан амалӣ мешаванд.

Дар пайваст ба ҳамин, Агентӣ бо мақсади тақвияти фаъолияти минбаъда пешниҳодоти зеринро мувофиқ ба мақсад меҳисобад:

- андешидани тадбирҳо барои дар амал татбиқ намудани Методикаи пурсиши корфармоён барои муайян намудани талабот ва пешниҳод ба қувваи корӣ дар миқёси ҷумҳурӣ;
- таҳия намудани санади меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзим намудани таъсис додани ҷойҳои кории махсуси субсидияшуда барои табақаҳои осебпазир дар бозори меҳнат, аз ҷумла маъюбон;
- таҳия намудани механизми идораи таъсиси ҷойҳои корӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ;
- ҷорӣ намудани шаклҳои нави ҳисоботи оморӣ дар фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ бо мақсади воқеан арзёбӣ намудани вазъи бозори меҳнат.

**Роҳнамоии касбӣ**

Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2011, №164 ва фармоиши Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират аз 4 майи соли 2011, №29 «Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи рушди роҳнамоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» як қатор корҳо ба иҷро расонда шуд.

Дар соли 2011 мутахассисони мақомоти болозикр доир ба мавзӯи «Вазъи иқтисоди бозоргонӣ аз нигоҳи Шумо» бо 1103 нафар кормандони системаи буҷавӣ: дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Сино, Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе, бо кормандони соҳаи тиб ва омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Ваҳдат тадқиқоти сотсиологӣ гузарониданд.

Натиҷаи таҳлили тадқиқот нишон дод, ки аз 1103 нафар кормандони системаи буҷавӣ 90,6% аз рӯи ихтисоси худ кор мекунанд. Маоши имрӯзаи кормандон 1,7%-ро пурра, 25,4%-ро қисман қаноатманд мегардонад ва 72,9% -ро қаноатманд намегардонад. Ба саволи «Маош ва нархи бозор аз нигоҳи Шумо?» - 97,6% ҷавоб додаанд, ки маош паст ва нархи бозор баланд мебошад.

Вазъи иқтисоди бозоргониро 24,1% бо шароити кории хуб, 18,3% - шароити корӣ нест, 44,1%- вазъ дигаргунӣ мехоҳад, 13,1% - эҷодкорӣ лозим аст, арзёбӣ намудаанд.

Илова бар ин, дар Ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод, ки аз тарафи мақомоти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар шаҳри Душанбе ва аз тарафи мақомоти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар вилояти Хатлон ва вилояти Суғд гузаронида шуда буд, иштирок намуда, бо 1460 нафар корҷӯён тадқиқоти сотсиологӣ гузарониданд.

Натиҷаи таҳлили пурсишномаҳо нишон дод, ки ба Ярмаркаҳо ашхоси касбу кори гуногун: ронандагону сохтмончиён, иқтисодчиён, омӯзгорон, муҳосибон, барномасозону коргарон, дӯзандагону кафшергарон ва донишҷӯён барои дарёфти ҷойи кор муроҷиат кардаанд.

Аз натиҷаи таҳлили тадқиқотҳои гузаронидашуда хулосае бармеояд, ки сабаби асосии бекор мондани шаҳрвандон: мувофиқ набудани шароити корӣ,

ихтисор шудани кадрҳо ва ё баста шудани корхона, иваз шудани ихтисос ва сабаби паст будани маош мебошад.

Бояд қайд намоем, ки 80-85%-и шаҳрвандони дар Ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод муроҷиаткунанда шуғле надоранд, бекоранд.

Ҳамзамон тадқиқоти сотсиологӣ доир ба мавзӯи «Вазъ ва зарурияти касбинтихобкунии наврасон дар шароити иқтисоди бозоргонӣ» бо 1412 нафар хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ва бо 528 нафар хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Хатлон гузаронида шуд, ки 68,7%-и хатмкунандагони шаҳри Душанбе ва 70%-и хатмкунандагони вилояти Хатлон мехоҳанд маълумоти олӣ гиранд.

Ба саволи «Касби дӯстдоштаи Шумо?» аз шумораи 1412 нафар хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоит миёнаи умумии шаҳри Душанбе ва 528 нафар хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоит миёнаи умумии вилояти Хатлон духтур: дар шаҳри Душанбе – 28% ва дар вилояти Хатлон – 34,1%; ҳуқуқшинос: дар шаҳри Душанбе – 18,4% ва вилояти Хатлон - –15,7%; иқтисодчӣ: дар шаҳри Душанбе – 9,6% ва вилояти Хатлон – 6%; дӯзанда: дар шаҳри Душанбе – 6,2% ва вилояти Хатлон – 6,2%; омӯзгор: дар шаҳри Душанбе – 1,5% ва дар вилояти Хатлон – 6,8%; тарҷумон: дар шаҳри Душанбе – 7,7% ва вилояти Хатлон – 2,4% соҳибкор: дар шаҳри Душанбе 3% ва вилояти Хатлон 3,8%; варзишгар: дар шаҳри Душанбе – 4,2% ва дар вилояти Хатлон – 2,3%; муҳандис: дар шаҳри Душанбе – 5,1% ва дар вилояти Хатлон – 3% ва боқимонда касбҳои гуногунро интихоб кардаанд. Ҳамзамон 62,2% хатмкунандагони шаҳри Душанбе ва 63,1%-и хатмкунандагони вилояти Хатлон дар бораи касби дӯстдоштаи худ маълумоти мукаммал доранд, 12,1% ва 12,3% маълумот надоранд, 13,5% ва 11,2% шунидаанд, ба 7,4% ва 8,1% тавсия додаанд, барои 3,7% ва 4% фарқе надорад, ки кадом касберо интихоб мекунанд.

Аз натиҷаи таҳлили тадқиқот аён гашт, ки 4,5% ва 9,1% бо анъанаи оилавӣ, 20,9% ва 23,1% бо маслиҳати волидайн, 2,1% ва 2,6% бо маоши баланд, 60,5% ва 46% бо хоҳиши шахсӣ, 2,8% ва 3,2% бо майлу рағбат ба меҳнат, 4,5% ва 7,8% бо обрӯ ва эътибор, 1,2% ва 2,1% бо маслиҳати омӯзгорон, 1,7% ва 1,5% барои инкишоф додани қобилияти шахсии худ ва 1% ва 1,5% бо шароити хуби меҳнат касби ояндаи худро интихоб кардаанд.

Аксарияти хатмкунандагони шаҳри Душанбе 60,5% ва хатмкунандагони вилояти Хатлон 46% бо «хоҳиши шахсӣ» касби худро интихоб карда бошанд ҳам, аммо таҳлили пурсишномаҳо нишон дод, ки касби дӯстдоштаашон ба соҳае, ки дар оянда кор кардан мехоҳанд мувофиқат намекунад.

Кормандони Маркази роҳнамои кабии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират мувофиқи нақшаи корӣ дар бозорҳои «Мардикор»и шаҳри Душанбе бо 222 нафар, дар вилояти Суғд бо 221 нафар, дар вилояти Хатлон бо 142 нафар, ВМКБ бо 105 нафар ва НТҶ бо 200 нафар ашхоси корҷӯ машваратҳои фардӣ гузаронида, ба онҳо дар бораи ҷойҳои кории холӣ, шаҳодатномакунонии малакаҳои касбии шаҳрвандон, курсҳои бозомӯзӣ маълумотҳо пешниҳод намуданд.

Дар давоми соли ҷорӣ дар Ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод, ки аз тарафи Сарраёсат ва Раёсатҳои Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ,

шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират гузаронида шуданд иштирок намуда, бо 823 нафар ашхоси корҷӯ машваратҳои фардӣ ва сӯҳбатҳо гузаронида шуд, ки аз ҷумла дар вилояти Суғд - 268 нафар, ВМКБ - 183 нафар, вилояти Хатлон - 517 ва НТҶ – 372 нафар рост меояд. Ҳамин тариқ бо 23364 нафар аҳолӣ хизматҳои касбӣ расониданд. Аз ҷумла: дар ВМКБ – 1588 нафар, дар вилояти Суғд - 5216 нафар, дар вилояти Хатлон – 5004 нафар, дар шаҳри Душанбе – 6790 нафар ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ – 4766 нафар.

**Муҳоҷирати аҳолӣ**

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар соли 2011 тибқи дар самти муҳоҷирати аҳолӣ корҳои муайянеро ба анҷом расонид.

Дар давоми соли 2011 Агентӣ бо мақсади танзими масъалаҳои муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ лоиҳаи Низомномаи намунавии Комиссияҳои маҳаллии доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷирати дохилӣ ва экологиро таҳия намуд ва он тибқи муқаррарот бо фармоиши Директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират 9 феврали соли 2011 таҳти №15 тасдиқ карда шуд.

Ҳамзамон лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳисоботи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба чораёни иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ»-ро таҳия ва барои мувофиқа ба вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ пешниҳод намуд, ки баъдан барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд ва он дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 майи соли ҷорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2011, №263 ба тасвиб расид.

Дар соли 2011 Агентӣ бо мақсади пешгирии ҳодисаҳои номатлуби табии ва ба мавзеъҳои бехавф кӯчонидани аҳолӣ, беҳтар гардидани инфрасохтори деҳот, рушти соҳаҳои хоҷагии қишлоқ ва паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, лоиҳаи «Нақшаи миёнамӯҳлати кӯчонидани хоҷагиҳои шахсии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013»- ро таҳия ва баъди мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки он дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2011, №332 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи миёнамуҳлати муташакиллона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2011-2013» тасдиқ гардид.

Соли 2011 бо мақсади муайян намудани дурнамои муҳоҷирати дохилии аҳолӣ, банақшагирӣ ва ҳалли мушкилоти дар ин самт ҷойдошта, инчунин дар асоси банди 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2011, №263 Дар бораи ҳисоботи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба чораёни иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ" лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Барномаи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2014"- ро таҳия ва бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ мувофиқа намуда, дар асоси пешниҳодоти онҳо такмил дод ва тибқи муқаррарот барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

**Муҳоҷирати экологӣ:**

Дар соли 2011 кор дар ин самт асосан барои иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №211 «Дар бораи Тартиби амалӣ намудани муҳоҷирати экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 1 июли соли 2011, №332 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи миёнамӯҳлати муташакиллона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2011-2013» ва аз 20 январи соли 2009, № 47 «Дар бораи аз минтақаи зериобмонии Нерӯгоҳи барқи обии Роғун кӯчонидани аҳолии шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод», равона гардидааст.

Барои ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати экологӣ, тибқи харҷномаи тасдиқгардида барои соли 2011 Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2772242 сомонӣ пешбинӣ намудааст, ки аз он 2591036 сомонӣ қарзи имтиёзнок ва 181206 сомонӣ кӯмаки якдафъаина мебошад.

Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2009, № 47 «Дар бораи аз минтақаи зериобмонии Нерӯгоҳи барқи обии Роғун кӯчонидани аҳолии шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод» Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар мувофақа бо мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун, ноҳияи Нуробод ва Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи барқи обии Роғун» як қатор корҳоро анҷом доданд, аз ҷумла ҷадвали кӯчонидани муҳоҷирон аз минтақаи зериобмонии Нерӯгоҳи барқи обии Роғун барои соли 2011 таҳия ва тасдиқ карда шуд, ки дар асоси он бояд 500 оила бо шумораи умумии 1723 аъзои оилаи муҳоҷирон ба дигар мавзеъҳо кӯчонида шаванд.

Дар давоми соли 2011 зерсохторҳои Агентӣ дар шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод дар якҷоягӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллии давлатӣ корҳои фаҳмондадиҳиро дар байни аҳолии аз минтақаи зериобмонии «НБО Роғун» ба роҳ монда, аз минтақаи зериобмонии “НБО Роғун” аз маҳалаҳои гирду атрофи ноҳияи Нуробод ба шаҳри Турсунзода 77 сардори оила ва ба шаҳраки навбунёди Дарбанд 50 оила ва аз ноҳияи Нуробод ба ноҳияи Данғара 40 оилаи муҳоҷирон кӯчонида шудаанд, ки дар маҷмуъ 167 оилаи муҳоҷиронро ташкил дод, ки ин 34%-и нақшаи солонаро таъмин мекунад.

Мутаассифона, 67 оилаи муҳоҷирони минтақаи зериобшавандаи шаҳри Роғун, ки ба деҳаи Чормағзаки шаҳри Роғун кучонида мешуданд аз гирифтани замини наздиҳавлигӣ дар ин мавзе даст кашида, талаби ба дигар минтақа кӯчонидани худро тақозо кардаанд.

Дар баробари ин ба муҳоҷирони кӯчонидашуда тибқи муқаррарот аз ҷониби Агентӣ маблағҳои қарзи имтиёзнок ва кӯмаки яквақтаина ба миқдори 3300 сомонӣ тавассути шӯъбаҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” дар шаҳри Турсунзода ва ноҳияҳои Нурободу Данғара барои пардохт ба муҳоҷирон интиқол дода шуд.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2011, № 332 “Дар бораи Нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2011-2013” соли 2011 бояд 300 хоҷагӣ аз минтақаҳои хавфнок ба дигар минтақаҳои бехавф кӯчонида шаванд, аз ҷумла: аз ВМКБ– 31 хоҷагӣ, вилояти Суғд- 48, вилояти Хатлон- 83, НТҶ- 138 хоҷагӣ.

Аз ҷониби Комиссияи давлатӣ оид ба ҳодисаҳои фавкулодаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 августи соли 2011, № 19/1-1-19 рӯйхати аниқшудаи

300 хоҷагии муҳоҷирони экологӣ тасдиқ карда шудааст. Соли 2011 дар ҷумҳурӣ 300 хоҷагии муҳоҷирони экологӣ аз минтақаҳои хавфнок ба ҷойҳои бехавф кӯчонида шудаанд, ки ин 100%-и нақшаи солонаро ташкил медиҳад. Аз ҷумла: ВМКБ 25 хоҷагӣ, вилояти Суғд 48, вилояти Хатлон 84 ва НТҶ 143 хоҷагӣ.

Ба 300 хоҷагӣ маблағи қарзи имтиёзнок ба миқдори 3000 сомонӣ ва ба аъзоёни оилаи 179 хоҷагӣ кӯмаки якдаъфаина ба миқдори 300 сомонӣ тавассути шӯъбаҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои пардохт интиқол дода шуд.

Дар баробари ин ба 217 хоҷагии бар асари офати таббии зарардидаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ки солҳои 2009 - 2010 аз минтақаҳои хавфнок кӯчонида шуда буданд, бо маблағи қарзи имтиёзнок таъмин карда шуданд.

**Шумораи оилаҳои муҳоҷирони экологии кӯчонидашуда дар давоми солҳои 2008 -2011 (ба ҳисоби оила)**




**Камбудиҳои ҷойдошта ва зарурати ҳалли он.** Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо саривақт рӯйхати аниқшуда ва ҳуҷҷатҳои шахсии муҳоҷирони экологӣ унвонии Агентии ворид намегарданд.

Дар бисёр мавридҳо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо қарори худро нисбати ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмони хонаҳои истиқоматии муҳоҷирони экологӣ саривақт ба тасвиб намерасонанд.

Аз ҷониби Муассисаи давлатии "Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи барқи обии "Роғун", мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии тарафи интиқолдиҳанда ва қабулкунандаи муҳоҷирон:

- саривақт пардохт накардани маблағи арзиши хонаҳои истиқоматӣ ва дигар амволи хонаводаҳои кӯчонидашаванда;
- бе мувофиқа таҳия гардани рӯйхати аҳолӣ ва кӯчонидани муҳоҷирон аз минтақаи зериобмонӣ;

- саривакт аз ҷониби Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи барқи обии Роғун ва вазорату идораҳои дахлдор омода намудани мавзеи нави ҷойгиршавии муҳоҷирон бо оби нӯшокӣ ва полезӣ, барқ, таъмири роҳҳои дохилихоҷагӣ, сохтмони муассисаҳои таълимӣ ва бунгоҳи тиббӣ.

**Муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ)**

Дар соли 2011 кор дар ин самт асосан ҷиҳати иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2008, №467 "Дар хусуси тасдиқи Низомномаи тартиби муҳоҷирати дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", аз 1 октябри соли 2009, №530 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолии қобили меҳнат аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2010-2012» ва аз 28 июли соли 2009, №430 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ва ноҳияҳои минтақаи Рашт ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол» ба роҳ монда шудааст.

Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2009, №530 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолии қобили меҳнат аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2010-2012», соли 2011 бояд дар ҷумҳурӣ 966 оила ихтиёрӣ кӯчонида шаванд; аз он ҷумла: дар вилояти Хатлон - 144 оила, вилояти - Суғд 509 оила ва НТҶ 313 - оила.

Аз ҷониби Вазорати молия барои муҳоҷирони дохилӣ дар соли 2011 маблағи қарзи имтиёзнок ба миқдори 1801770 сомонӣ ва барои интиқоли онҳо 514975 сомонӣ, дар маҷмӯъ 2316745 сомонӣ ҷудо гардидааст.

Бо мақсади иҷрои саривақтии қарори болозикр ва пешниҳоди рӯйхати аниқшудаи муҳоҷирони дохилӣ барои соли 2011, аз ҷониби Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ унвонии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 10 январи соли 2011 таҳти №14.2/82 мактуби расмӣ ирсол гардид.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар мӯҳлатҳои муайяншуда тибқи нақша рӯйхати аниқшудаи муҳоҷиронро барои маблағгузорӣ ва кӯчонидани онҳо дар давоми соли 2011 пешниҳод карданд. Рӯйхати таҳияшуда аз ҷониби Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 марти соли ҷорӣ тасдиқ карда шуд.

Дар соли 2011 - 1257 оилаи муҳоҷирони дохилӣ(ихтиёрӣ) дар ҷумҳурӣ кӯчонида шуданд, ки ин 130%-и нақшаи солонаро ташкил медиҳад, аз он ҷумла; вилоятҳои Хатлон 144 оила, Суғд 509 оила ва НТҶ 604 - оила.

**Муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) ба таври зайл кӯчонида шуданд:**

**Вилояти Хатлон**

25 оила аз шаҳри Кӯлоб, 10 оила аз ноҳияи Шӯрообод ва 10 оила аз ноҳияи Вахш ба ноҳияи Шаҳритус, аз ноҳияҳои Қубодиён 70 оила, Вахш 15 оила ва Ҷиликӯл 14 оила ба ноҳияи Носири Хусрав.

**Вилояти Суғд**

200 оила аз шаҳри Исфара дар ҳудуди шаҳр ба мавзеъҳои ба онҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҷудогардида (мавзеи маҳаллаи 14, мавзеи Маҳпарӣ ва мавзеи Айнии шаҳраки Шӯроб), 20 оила дар ҳудуди ноҳияи Ғончӣ,

200 оила аз ноҳияи Айнӣ, 51 оила аз ноҳияи Ғончӣ ва 38 оила аз ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ ба ноҳияи Зафаробод.

**НТҶ**

80 оила аз ноҳияи Рашт, 60 оила аз ноҳияи Тоҷикобод ва 270 оила аз ноҳияи Ҷиргатол ба ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол, 5 оила аз ноҳияи Тоҷикобод ба ноҳияи Вахш, 14 оила аз ноҳияи Тоҷикобод ба ноҳияи Ёвон, 20 оила аз ноҳияи Ҷиргатол ба ноҳияи Шаҳритуси вилояти Хатлон, 35 оила дар ҳудуди шаҳри Роғун, 70 оила дар ҳудуди ноҳияи Варзоб ва 50 оила дар ҳудуди ноҳияи Рашт.

Бояд қайд кард, ки дар давоми соли равон ғайр аз нақшаи тасдиқгардида соли 2011 дар мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол аз ҳисоби нақшаи солҳои 2012, 2013 ва 2014 муҳоҷирон кӯчонида ва маблағгузорӣ карда шуданд.

Мутаассифона, 14 оилаи муҳоҷирон аз ноҳияи Тоҷикобод ба ноҳияи Шаҳритус мутобиқи нақшаи тасдиқгардида бо сабаби ҷавобгу набудани замини ҷудокардашуда, кӯчонида нашудаанд. Ин далели он аст, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии давлатии ноҳияҳои Тоҷикобод ва Шаҳритус барои интиқол, қабул ва ҷо ба ҷо кардани муҳоҷирон пурра омода набуданд.

Дар соли 2011 ба 1201 оилаи муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) дар ҷумҳурӣ маблағи қарзи имтиёзнок ба миқдори 1801500 сомонӣ тавассути шӯъбаҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»-и шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои пардохт ба муҳоҷирон интиқол дода шуд, ки ин 125%-и нақшаи солонаро ташкил медиҳад. Кӯчонидан ва маблағгузории муҳоҷирон тариқи ҷадвал замима мегардад.

**Шумораи оилаҳои муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) – и кӯчонидашуда дар давоми солҳои 2008-2011**
**(ба ҳисоби оила)**




Агенти давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират барои таъмини пурраи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №75 «Дар бораи кӯчонидани 1000 оилаи муҳоҷирони дохилӣ(ихтиёрӣ) аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба шаҳри Турсунзода» дар соли ҷорӣ як қатор корҳоро ба анҷом расонид.

Бо мақсади иҷрои чараёни иҷрои қарори мазкур ва супоришҳои Протоколи Ситоди ҷумҳуриявӣ масъулини Агентӣ якчанд маротиба ба шаҳри Турсунзода сафари кори анҷом дода, мавзеъҳои ҷойгиршавии муҳоҷирон, яъне Қизил-юл,

Галаботури ҷамоати Навобод ва Тегирмону Пахтабойи ҷамоати «10-солагии Истиқлолият»-ро мавриди санҷиш ва таҳлил қарор доданд, ки аз натиҷаи он ҳар ҳафта унвонии роҳбарият маълумот пешниҳод карда мешавад.

Ҷиҳати суръат бахшидан ба таъмини иҷрои қарори мазкур аз ҷониби Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар шаҳри Турсунзода барои ба шуғл фаро гирифтани муҳоҷирони дохилии кӯчонидашуда чораҳои амалӣ андешида шуда, муҳоҷирон барои ободонӣ, кабудизоркунӣ, кандан ва тоза намудани каналу ҷуйборҳо дар мавзеъҳои нави зисташон ба корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар карда шуданд.

Барои интихоб намудани касбҳои гуногун дар соли 2011 аз ҳисоби муҳоҷирони кӯчонидашуда 126 нафар дар курсҳои кӯтоҳмуддат барои омӯзиши касби дӯзанда(чевар), асосҳои компютер ҷалб гардиданд.

Дар давоми моҳҳои январ- декабри соли 2011 ба 17 нафар муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёри)-и аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон кӯчонидашуда ба маблағи 41100 сомонӣ қарзи имтиёзнок барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дода шуд.

Бо роҳхати Раёсати Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар шаҳри Турсунзода 210 нафар муҳоҷирон то айни замон бо ҷойи кор таъмин карда шудаанд, аз ҷумла 48 нафар ба шӯъбаи маориф, 11 нафар ба маркази саломатӣ, 41 нафар ба КВД «Ширкати алюминийи Тоҷик», 6 нафар ба ҶСК "Алюминсохтмон", 4 нафар ба корхонаи обу корезӣ, 2 нафар ба шӯъбаи сохтмон ва меъморӣ, 6 нафар ба Терминали мусофирбарии "Фирӯз", 1 нафар ба корхонаи таъбу нашр (редаксия), 2 нафар дар бонки "Эсхата", 1 нафар дар фонди ҳифзи иҷтимоӣ, 3 нафар дар ШКД-и шаҳр, 2 нафар дар шӯъбаи фарҳанги шаҳр, 1 нафар дар бахши танзими ҷашни маросимҳо дар ҷамоати 10-солагии Истиқлолият, 24 нафар дар сохтмони мактаби мавзеъҳои Галаботур(8), Пахтабой(18), Тегирмон(6) ва 58 нафар дар бозори марказии шаҳри Турсунзода.

Ба ду оилаи муҳоҷирони мавзеи Галаботур (аз ноҳияи Восеъ) аз ҳисоби заминҳои хоҷагии "Наврӯз" ба миқдори 2 га замин барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ ҷудо карда шуда, ба як оилаи муҳоҷир аз ноҳияи Ҳамадонӣ 1 га замин аз ҳисоби заминҳои хоҷагии "Намуна" барои ташкили боғ ҷудо карда шуд.

Инчунин дар давоми моҳҳои август - декабри соли равон кӯчонидан ва интиқоли молу амволи 106 оилаи муҳоҷир аз ноҳияҳои Восеъ, Данғара, Темурмалик, Шӯрообод, Фархор, Ховалинг ва Мӯъминобод ба шаҳри Турсунзода таъмин карда шудааст.

Ба ҳолати 25 декабри соли 2011 аз 1000 сардори оилаи кӯчонидашуда ҳамагӣ 900 сардори оила бо шумораи умумии 2299 нафар муҳоҷирон дар мавзеъҳои ҷойгиршавии муҳоҷирон шаҳри Турсунзода зиндагӣ менамоянд, аз он ҷумла аз шаҳри Кӯлоб – 87, ноҳияҳои Данғара –123, Восеъ – 139, Шӯрообод – 88, Ҳамадонӣ – 189, Фархор – 45, Ховалинг – 68, Мӯъминобод – 75 ва Темурмалик – 86 оила зиндагӣ доранд. Барои беҳтар кардани вазъи муҳоҷирон ва амалӣ намудани бозгашти қисми боқимондаи онҳо ба шаҳри Турсунзода, Агентӣ дар якҷоягӣ бо кормандони Сарраёсати Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар вилояти Хатлон тадбирҳои иловагӣ андешида истодааст.

Аз шумораи умумии муҳоҷирони кӯчонидашуда (1000 сардори оила), 789 оила хонаҳои истиқоматиро сохта, боми онҳоро пӯшониданд, 155 оила девори хонаҳоро бардоштанд, 56 оила таҳкурсӣ (фундамент)-и хонаҳоро гузоштанд.

Сабаби бознагаштани муҳоҷирон ба ҷойи нави зисташон дар он аст, ки вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳри Турсунзода пурра вазифаҳои ба салоҳият доштаашонро, аз ҷумла: таъмин намудани муҳоҷирон бо оби нӯшокӣ, оби полезӣ, барқ, сохтмони муассисаҳои таълимӣ, мағозаи фурӯши хӯрок ва маҳсулоти саноатӣ, таъмири роҳҳо ва ғайраҳоро сари вақт ба анҷом нарасонидаанд, ки чунин вазъ будубоши муҳоҷиронро дар мавзеи нави зист душвор мегардонад.

Ҳоло масъалаи асосие, ки муҳоҷиронро ба душворӣ дучор менамояд, ин мавҷуд набудани ҷойҳои кории доимӣ бо маоши арзанда аст ва чунин ҳолат парокандагии муҳоҷиронро бо аъзои оилаашон ба миён меорад. Инчунин, яке аз сабабҳое, ки боиси кам гардидани масъулиятнокии вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гардидааст.

Инчунин 30 августи соли 2011 дар назди Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадаминов М.Б бо иштироки вазоратҳои мелиоратсия ва захираҳои об, энергетика ва саноат, маориф, нақлиёт, Ширкати саҳомию холдингии кушодаи “Барқи Тоҷик”, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода ҷаласаи якҷоя оид ба ҷараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №75 баргузор гардид.

Дар кори ҷаласа ҳамчунин роҳбарону кормандони масъули вазорат, сардорони Сарраёсат, Раёсат ва шӯъбаҳои Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар вилояти Хатлон, шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Ҷиргатол иштирок доштанд. Дар ҷаласа оид ба корҳои анҷомдодашуда ва камбудию норасогиҳои масъалаи мазкур мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор гирифта аз натиҷаи он Протокол ба имзо расид, ки баъдан ба ҳамаи вазорату идораҳо ва сохторҳои зертобеъ ирсол карда шуд.

Ҳангоми баррасии масъалаи мазкур дар ҷаласаи назди Вазир нисбати пурра ба мавзеъҳои нави зисташон баргардонидани муҳоҷирон ба мақомоти Агентӣ дар вилояти Хатлон супоришҳои мушаххас дода шуд.

Дар ҷаласаи охирони Ситоди ҷумҳуриявӣ, ки 27 январи соли 2011, №27/4-16.4 дар шаҳри Турсунзода таҳти раисии муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.А.Қурбонова баргузор гардида буд, Нақшаи чорабиниҳо оид ба тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати таъмини иҷрои қарори мазкур тасдиқ карда шудааст ва доир ба иҷрои он дар назди вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳри Турсунзода вазифаҳои аниқу мушаххас гузошта шуданд.

Сари вақт иҷро нагардидани масъалаҳо аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор, мавҷуд набудани шароитҳои муносиби моддию маишӣ барои зист ва бо сабаби саривақт таъмин набудани муҳоҷирон бо оби тозаи нӯшокӣ, интиқоли қувваи барқ, сангфарш ва ҳамвор набудани роҳҳои дохилихоҷагӣ, тоза накардани каналу заҳбурҳо, намнок ва шӯрнокии замин ва ҳал нашудани дигар масъалаҳои ҳалталаб қисме аз муҳоҷиронро маҷбур сохт, ки мавзеъҳои худро тарк намуда, ба ҷойҳои муқимии худ баргарданд.

Ҷараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №75 “Дар бораи кӯчонидани 1000 оилаи муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба шаҳри Турсунзода” таҳти назорат қарор дорад.

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ҷиҳати иҷрои саривақтии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2009, №430 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ва ноҳияҳои минтақаи Рашт ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол», корҳои муайянеро ба анҷом расонид.

Мутобиқи банди 4 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010 таҳти №557 «Дар бораи ҳисоботи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба чораёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2009, №430 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ва ноҳияҳои минтақаи Рашт ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол»» ҷадвали кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ва ноҳияҳои минтақаи Рашт ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол дар соли 2011 таҳия гардида, аз ҷониби Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2010 тасдиқ карда шуд.

Дар асоси банди 1 қарори мазкур дар давоми солҳои 2010 - 2014 ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол ҳамагӣ бояд 500 оилаи муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) аз ноҳияҳои Рашт, Тоҷикобод, ва дохили ноҳияи Ҷиргатол кӯчонида шаванд, аз он ҷумла соли 2011 - 195 оила: 125 оила аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол, 30 оила аз ноҳияи Тоҷикобод ва 40 оила аз ноҳияи Рашт, соли 2012 - 105 оила: 40 оила аз ноҳияи Рашт, 30 оила аз ноҳияи Тоҷикобод ва 35 оила аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол, солҳои 2013-2014 - 200 оилаи дигар аз ноҳияи Ҷиргатол.

Моҳи декабри соли 2010 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муҳоҷирони кӯчонидашаванда 172,06 га қитъаи замин дар мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол ҷудо карда шуд ва кӯчонидани муҳоҷирон дар моҳҳои апрел - майи соли 2011 оғоз гардид.

Дар марҳилаи аввал моҳҳои апрел майи соли ҷорӣ ба 289 оилаи муҳоҷирон, аз ҷумла 80 оила аз ноҳияи Рашт, 60 оила аз ноҳияи Тоҷикобод ва 149 оила аз ноҳияи Ҷиргатол дар мавзеи Лахши ноҳия Ҷиргатол ба таври муташаккилона бо қитъаҳои замин барои сохтмони хонаи истиқоматӣ таъмин карда шуданд.

Аз ҷониби Вазорат ба ҳар як сардори оила дар ҳаҷми 1500 сомонӣ, дар маҷмӯъ ба 444 оила 666000 сомонӣ қарзи имтиёзнок тавассути бахши Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»-и ноҳияи Ҷиргатол барои пардохт ба муҳоҷирон интиқол дода шуд.

Инчунин аз ҳисоби нақшаи солҳои 2013-2014 рӯзи 28 июли соли ҷорӣ дар марҳилаи дуюм ба 200 оилаи муҳоҷирон аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол дар мавзеъҳои Лахши ҷамоати деҳоти Муксу, Дуванаи ҷамоати деҳоти Алға, Сарталои ҷамоати деҳоти Сартало ва Ҷаилғани ҷамоати деҳоти Лахши ноҳияи Ҷиргатол бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ барои сохтумони манзили истиқоматӣ тақсим карда шуд, ки дар маҷмӯъ 489 оиларо ташкил медиҳад.

Мутобиқи бандҳои 2,3,4,5,6,7,8 ва 13-и қарори болозикр вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ дар якҷоягӣ бо Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷиргатол вазифадор карда шуда буданд, ки соли 2010 дар доираи маблағҳои пешбинишуда корҳои омодагиро барои кӯчонидани муҳоҷирон дар асоси Нақшаи тасдиқгардида анҷом дода, доир ба бунёд намудани шаҳраки нави замонавӣ, ки дар он ҷо оилаҳои муҳоҷирони дохилӣ ҷойгир карда мешаванд, чораҳои зарурӣ андешанд.

Аз ҷониби Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи кулл ва нақшаи сохтмони хонаҳои истиқоматӣ таҳия шудааст.

Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони бунгоҳи тиббиро дар ин мавзеъ ба пуррагӣ ба итмом расонида, бо ашёҳо таҷҳизонидааст.

Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то саршавии мавзеъ 4 км роҳҳоро сангфарш намудааст.

Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муҳоҷирон 20 адад хаймаҳои ғунҷоишашон аз 10 то 20 нафар ҷудо кард.

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сохтмони мактаб корҳоро оид ба кандани таҳкурсӣ оғоз намуд.

Масъалаи мазкур моҳи октябри соли 2010 ва моҳи майи соли 2011 дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, нисбати ҳалли масъалаҳо ба вазорату идораҳои дахлдор супоришҳои мушаххас дода шуд.

Мутаассифона, вазифаҳои гузошташуда аз ҷониби як қатор вазорату идораҳои дахлдор ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷиргатол оид ба гузаронидани хатти барқ, оби нӯшокиву полезӣ, сохтмони роҳҳои дохилихоҷагӣ, муассисаи таълимӣ ва иншооти дигари ҳаётан муҳим оғоз нагардидаанд.

Чунин вазъият иҷрои саривақтии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро халалдор менамояд.

Боқимонда вазорату идораҳои дахлдор вазифадор карда шудаанд, ки дар мӯҳлати кӯтоҳтарин тибқи муқаррарот корҳои ба зиммадоштаашонро анҷом диҳанд.

Ҷараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2009, №430 таҳти назорат қарор дорад.

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар иртибот ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2009, №505 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 феврали соли 2003, №71», корҳои муайянеро ба анҷом расонид.

Дар асоси банди 1 қарори мазкур 50 оилаи ҷавони муҳоҷирони дохилӣ аз ҷамоатҳои деҳоти Ворух, Чоркӯҳ ва Сурхи шаҳри Исфара, ки ба ноҳияи Н. Хусрав кӯчида буданду бо сабаҳои номутобиқии иқлим ба ҷои аввалаи зисти худ баргаштанд, бояд дар давоми соли 2010 ба мавзеи Моҳпарии ҳудуди шаҳр кӯчонида мешуданд.

Ба ҳолати 25 декабри соли 2011 бо қарорҳои раиси шаҳри Исфара аз 1 сентябри соли 2010, №406(ба 6 оила аз Ҷамоати деҳоти Сурх), аз 6 сентябри соли 2010, №410(ба 16 оила, 7 оила аз Ҷамоати деҳоти Ворух ва 9 оила аз ҷамоати деҳоти Чоркӯҳ) ва аз 6 апрели соли 2011,№203 ба 25 оила дар маҷмӯъ 47 оилаи муҳоҷирон қитъаи замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ ба андозаи 0,06 га аз мавзеи Моҳпарии шаҳри Исфара ба ҳар як оила тақсим карда шуд ва муҳоҷирон дар мавзеи нави зист корҳои сохтмониро оғоз карданд.

**Камбудиҳои ҷойдошта дар самти муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ).**

Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо саривақт рӯйхати аниқшуда ва ҳуҷҷатҳои шахсии

муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) унвонии Агентии давлатии ҳифзи ичтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намегарданд, ки ин боиси саривақт пешниҳод нагардидани рӯйхати муҳоҷирон барои тасдиқ гардид, ки ин ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун, ноҳияи Тоҷикобод ва ноҳияҳои Ҷиликулу Қубодиёни вилояти Хатлон.

Қайд кардан зарур аст, ки баъзан дар ҳудуди вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ) бар хилофи муқаррароти Низомнома «Дар бораи тартиби муҳоҷирати дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ мегардад. Раисони шаҳру ноҳияҳо масъаларо ҷиҳати қабул ва ҷо ба ҷо намудани муҳоҷирон мувофиқа намуда, ба Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолатномаи расмӣ пешниҳод менамоянд. Лекин, баъд аз қабули муҳоҷирон ва ба онҳо тақсим кардани қитъаи замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзили истиқоматӣ, кафолатнома оиди таъминот бо оби нӯшокӣ, оби полезӣ, барқ, сохтмони муассисаҳои таълимӣ, таъмири роҳҳо ва ғайраҳо иҷро намегардад ва чунин вазъ будубоши муҳоҷиронро дар мавзеи нави зист душвор мегардонад. Ба ин мисол шуда метавонанд мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Тоҷикобод ва ноҳияҳои Шаҳритусу Носири Хусрави вилояти Хатлон.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки иҷро нагардидани нақша, ин шаҳодати ҳамкории нокифоя дар байни зерсохторҳои Агентӣ ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мебошад. Пешбарандаи сиёсати муҳоҷирати аҳолӣ дар маҳалҳо маҳз сохторҳои зертобеи Агентӣ - Сарраёсату раёсату шӯъбаҳои вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ маҳсуб меёбанд.

Агентӣ ҳамкориро барои ҳалли масоили муҳоҷирати аҳолӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба роҳ монда, моҳи феврали соли ҷорӣ мизи мудаввар дар мавзӯи: «Раванди муҳоҷират, мушкилот ва ҳамкории мақомоти давлатӣ дар танзими он» бо иштироки муовинони вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеъи марказ (сарпарастони соҳа) гузаронид ва масъулин дар самти муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ) ва экологӣ маърузаҳо намуданд.

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади матраҳ намудани масоили муҳоҷирати аҳолӣ кормандони Агентӣ моҳи март дар шаҳри Қурғонтеппа дар якҷоягӣ бо Сарраёсати Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар вилояти Хатлон, моҳи июни соли равон дар шаҳри Хуҷанд дар якҷоягӣ бо Сарраёсати Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар вилояти Суғд ва моҳи август дар шаҳри Хоруғ дар якҷоягӣ бо Раёсати Агентии давлатии ҳифзи ичтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар ВМКБ курсҳои омӯзишӣ дар мавзӯи “Муҳоҷирати аҳолӣ”-ро гузарониданд. Дар курсҳои мазкур намояндагони шӯбаҳои Агентии шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд ширкат варзиданд.

Инчунин тазакур бояд дод, ки соли ҷорӣ ба Агентӣ ҷиҳати масъалаҳои марбут ба муҳоҷирати аҳолӣ 493 мактубҳои расмӣ, аз он ҷумла; аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 73 адад, вазорату идораҳои дахлдор - 130, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо - 133, Субъектҳои хоҷагидор - 51, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ - 45, сохторҳои зертобеъ - 51 ва аризаи

шаҳрвандон - 16 адад, оид ба кӯчонидан ва ҷо ба ҷо намудани муҳоҷирон, дархостҳо ҷиҳати гирифтани хулоса аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор ва ҳоказо ворид гардидааст, ки ба ҳамаи онҳо саривақт ҷавоб ирсол карда шудааст.

**Ичроиши бучети Агенти давлатии хифзи ичтимои, шугли ахоли ва мухочират дар соли 2011.**

Бучети Агентии давлатии хифзи ичтимои, шугли ахоли ва мухочират бо тагйиру иловахо аз тарафи Вазорати молияи Чумхурии Точикистон ба маблаги 43 114 088 сомони тасдик гардидааст, Маблаги хакикии чудошуда ба холати 23 декабри соли 2011, ба 42 300 319 сомони баробар гардидааст, ки 98,11% накшаи солонаро ташкил медихад. Маблаггузори нисбати хамин давраи соли гузашта 27,2% зиёд аст (соли гузашта маблаггузори ба 31 408 260 сомони баробар гардида буд).

Ичроиши бучет дар таксимоти сохторхои зертобеъи Агенти бо таври зайл таъмин гардидааст:

| № | Номгуи сохторхои Агенти | Накшаи солона | Ичроиш | % ичроиш |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Дастгохи маркази | 1 774 650,00 | 1 615 183,00 | 91,01 |
| 2. | Макомоти агенти дар в. Сугд | 1 787 680,00 | 1 787 680,00 | 100,00 |
| 3. | Макомоти агенти дар мин. Кургонтеппа | 1 330 908,00 | 1 330 908,00 | 100,00 |
| 4. | Макомоти агенти дар ВМКБ | 827 860,00 | 827 860,00 | 100,00 |
| 5. | Макомоти агенти дар мин. Кулоб | 800 110,00 | 800 110,00 | 100,00 |
| 6. | Макомоти агенти дар НТЧ | 1 117 552,00 | 1 117 552,00 | 100,00 |
| 7. | Макомоти агенти дар ш. Душанбе | 355 450,00 | 355 450,00 | 100,00 |
| 8. | Маркази чумхурияви Рохнамои касби | 537 540,00 | 537 540,00 | 100,00 |
| 9. | Мухочирати экологи | 2 772 242,00 | 2 466 156,00 | 88,96 |
| 10. | Мухочирати дохили (ихтиёри) | 2 316 745,00 | 2 316 475,00 | 99,99 |
| 11. | Барномаи мусоидат ба шугли ахоли | 8 000 000,00 | 8 000 000,00 | 100,00 |
| 12. | Кумакхои унвони ичтимои | 4 149 820,00 | 3 801 874,00 | 91,62 |
| 13. | Марказхои будубоши рузона | 1 546 579,00 | 1 546 579,00 | 100,00 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 14. | Маркази тавонбахшии Чорбог | 3 141 324,00 | 3 141 324,00 | 100,00 |
| 15. | Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони Ёвон (кудакона) | 377 291,00 | 377 291,00 | 100,00 |
| 16. | Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони Панчакент (кудакона) | 200 797,00 | 200 797,00 | 100,00 |
| 17. | Хона-интернати касалихои рухии н. Восеъ | 1 778 709,00 | 1 778 709,00 | 100,00 |
| 18. | Хона-интернати касалихои рухии н. Хисор | 1 742 405,00 | 1 742 405,00 | 100,00 |
| 19. | Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони н.Ёвон | 936 679,00 | 936 679,00 | 100,00 |
| 20. | Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони н.Панчакент | 585 704,00 | 585 704,00 | 100,00 |
| 21. | Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони ш. Вахдат | 889 171,00 | 889 171,00 | 100,00 |
| 22. | Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони ш. Турсунзода | 1 777 786,00 | 1 777 786,00 | 100,00 |
| 23. | Осоишгохи собикадорони чангу мехнати Харангон | 491 410,00 | 491 410,00 | 100,00 |
| 24. | Истирохатгохи собикадорони чангу мехнати Дусти | 614 555,00 | 614 555,00 | 100,00 |
| 25. | Истирохатгохи собикадорони чангу мехнати Ромит | 542 944,00 | 542 944,00 | 100,00 |
| 26. | Истирохатгохи собикадорони чангу мехнати Фотима Захро | 547 743,00 | 547 743,00 | 100,00 |
| 27. | Маркази байналмилалии тавонбахши дар н. Балчувон | 22 600,00 | 22 600,00 | 100,00 |
| 28. | Литсей-интернати махсуси касбии маъюбон | 2 147 834,00 | 2 147 834,00 | 100,00 |
| | **Хамаги;** | **43 114 088,00** | **42 300 319,00** | **98,11** |

**Эзох:** *то 31 декабри соли 2011 дар назар аст, ки дар сурати маблаггузории навбати ракамхои ичроиши бучет тагйир ёбанд.*

**Самти ташкилӣ, ҳуқуқ, сиёсати кадрҳо ва коргузорӣ**

Дар соли ҷорӣ 73 фармоишҳои дохилии Агентӣ таҳия ва ба имзо расонида шуд, ки 52 ададаш барои баррасӣ ва иҷро ба мақомоти Агентӣ ва дигар зерсохторҳои дар ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳур фиристонида шуд тайи ҳамин давра 49 нақшаи ҳафтаина, ки 2056 масъаларо дар бар мегирад таҳия карда шуда, иҷрои саривақтии онҳо зери назорати доимӣ қарор дода шуд. Ҳамзамон 47 Протоколи ҷаласаҳои назоратии назди директори Агентӣ ва муовинони директор таҳия ва тасдиқ карда шуда, 1128 супоришро дар бар мегирад, ки мавриди баррасӣ қарор дода шуда, иҷрои онҳо зери назорати қатъӣ доштанд.

**Самти ҳуқуқ ва сиёсати кадрҳо**

Дар Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират 552 воҳиди корӣ барои хизматчиёни давлатӣ ҷудо гардида, аз ҷумла барои дастгоҳи марказӣ - 65, НТҶ - 76, вилояти Хатлон - 146, вилояти Суғд - 124, ВМКБ - 50, шаҳри Душанбе - 43 ва МҶРК - 40 воҳиди корӣ ҷудо шуда буд.

Бояд қайд намуд, ки дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011, №229 «Дар бораи Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо фармоиши директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират «Дар бораи ихтисори воҳидҳои кории Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират» аз 23 майи соли 2011, №35, 11 воҳиди кории хизматчиёни давлатӣ ихтисор гардид. Аз 552 воҳиди корӣ, ба ҳолати имрӯза дар Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират 541 воҳиди корӣ барои хизматчиёни давлатӣ вуҷуд дорад.

Бинобар ихтисори воҳидҳои корӣ, дар дастгоҳи марказӣ - 65, НТҶ - 76, вилояти Хатлон - 144, вилояти Суғд - 127, ВМКБ - 50, шаҳри Душанбе - 39 ва МҶРК – 40 воҳидҳои корӣ барои хизматчиёни давлатӣ вуҷуд дорад.

Дар мансабҳои роҳбарикунанда 151 нафар хизматчиёни давлатӣ фаъолият менамоянд, ки аз ин шумора 28 нафарашонро занон ташкил медиҳанд.

Таҳлил намудани фармонҳои содиршудаи кадрӣ (ҳайати кормандон, рухсатии меҳнатӣ ва сафари хизматӣ) маълум гашт, ки дар ин муддат ҳамагӣ 574 фармон, аз ҷумла ҳайати кормандон 201, рухсатии меҳнатӣ – 230 ва сафарҳои хизматӣ – 144 адад ба тавсиб расидаанд.

Бо 201 фармонҳои ҳайати кормандон 82 нафар кормандон ба вазифа таъин, 47 нафар озод карда шуданд. Инчунин дар давоми сол фармонҳо дар бораи гузариш аз як мансаб ба мансаби дигар -12 адад, навбатдорӣ – 7 адад, муқаррар намудани иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ – 6 адад, 5 адад эълон намудани озмуни ишғоли мансабҳо , 6 адад муҷозот ва 6 адад мукофотҳо ба имзо расидаанд.

Бо 230 фармонҳои рухсатии меҳнатӣ ба 182 нафар рухсатии навбатии меҳнатӣ, 9 нафар рухсатии иловагии пардохтшаванда, 5 нафар рухсатии бемузд дода шуда, бинобар зарурияти корӣ 30 нафар аз рухсатии меҳнатӣ бозхонд карда шудаанд.

Бо 116 фармонҳои сафари хизматӣ, 13 адад курси такмили ихтисос, 5 – адад сафари хориҷа, 20 адад сафари хизматӣ ба вилояти Суғд, 50 адад - вилояти Хатлон, 43 адад - НТҶ, 8 адад - ВМКБ ба тасвиб расидааст.

Дар давоми соли ҷорӣ 114 нафар хизматчиёни давлатӣ ба курсҳои такмили ихтисос вобаста ба самти фаъолияташон фаро гирифта шудаанд, ки аз онҳо 58 нафарашон зан мебошанд.

Мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 майи соли 2009, №659 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холи маъмурии хизмати давлатӣ» дар давраи ҳисоботӣ дар дастгоҳи марказӣ барои ишғоли мансаби холӣ 5 маротиба озмун эълон гардид, ки дар он 49 нафар довталабон иштирок намуда 43 нафар ба мансаб таъин гардиданд, 6 нафар аз озмун нагузаштанд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби хадамоти кадрии мақомоти Агентӣ оид ба иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2005, №289 «Дар бораи тасдиқи эъломия оид ба андоз ва эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ» корҳо ба роҳ монда шуда буд. Барои давраи фаъолияти соли 2010 хизматчиёни давлатии Агентӣ эъломияҳои худро саривақтӣ ба мақомоти дахлдор пешниҳод намуданд.

Дар соли ҳисоботи ба 30 нафар кормандони Агентӣ барои зоҳир намудани бемасъулияти нисбати иҷрои вазифаҳои базиммадошта муҷозоти интизомӣ татбиқ карда шуд, ки аз ҷумла барои зоҳир намудани муносибати хунукназарона ба иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ, махсусан оид ба пешниҳод намудани ахборот дар бораи муроҷиати шаҳрвандон ба 9 нафар сардорони раёсат ва шӯъбаҳои Агентӣ дар НТҶ сарзаниш; барои вайрон кардани интизоми меҳнат дар фаъолияти корӣ ба сардори шӯъбаи молия – танбеҳ; ба кормандони мақомоти системаи Агентӣ, барои содир кардани камбудиҳо дар фаъолияти молиявӣ ба 4 нафар директорон ва 4 нафар сармуҳосибони Осоишгоҳи собиқадорони ҷангу меҳнати «Харангон»-и ноҳияи Варзоб, Хона – интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Ёвон, Литсей интернати касбии махсуси маъюбони Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хона – интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Ваҳдат муҷозоти интизомӣ «сарзаниш», ба директори Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази таълимии шаҳри Душанбе» танбеҳ эълон карда шуд.

Доир ба татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2006, №496 «Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016» маълумот омода шуда, ба Вазорат пешиҳод карда шуд.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2011, №20 ҲК «Дар бораи тадбирҳои иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 феврали соли 2011, №1018 «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» лоиҳаи фармоиши директори Агентӣ таҳия ба тасвиб расида ба мақомоти зертобеъ нусхаи фармоиш дастрас гардонида шуда буд. Дар дастгоҳи марказӣ, сарраёсат, Раёсат ва шӯъбаҳои Агентӣ инчунин Маркази

ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ мувофиқи қоидаҳои мазкур баҳодиҳӣ гузаронида шуд.

Агентӣ оид ба такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа дар соли 2011 корҳои муайянеро дар якҷояги бо Раёсат, шӯъба ва дигар сохторҳои системаи Агентӣ ба сомон расонид тайи ин давра ҷиҳати иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаи кории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаи кории Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳайати мушовари Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1(як) лоиҳаи Қонун, 10 (даҳ) лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 (як) Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 (панҷ) лоиҳаи қарори Ҳайати мушовараи Вазорат таҳия гардиданд, аз ҷумла:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2011, №724 “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни  Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ”;
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, №125 “Дар бораи таъсис додани Муассисаи давлатии “Маркази байналмилалии тавонбахшӣ”  дар ноҳияи Балҷувони вилояти Хатлон;
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, №123 “Дар бораи тасдиқи Номгӯи корҳои ҷамъиятӣ”;
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2011, №164 “Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи рушди роҳнамоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015”;
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2011, №263 “Дар бораи Ҳисоботи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҷараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ”;
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2011, №332 “Дар бораи тасдиқи Нақшаи миёнамӯҳлати муташакиллона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2011-2013”;
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2011, №439 “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2007, №102 “Дар бораи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират”;
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010, №557 “Дар бораи ҳисоботи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2009, №430  “Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ва ноҳияҳои минтақаи Рашт ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол;
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2011“Дар бораи тасдиқи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2013;
- лоиҳаҳои  қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи  соли 2006,  №62 “Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои аз ҷониби Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират расонидани хизматҳои

машваратӣ ва кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекоре, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ доранд”;
- лоиҳаи Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба тавозуни Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани як бинои филиали Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар ноҳияи Рошткалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон»;
- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Барномаи муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ) ва экологии Ҷумхурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2014” таҳия шуда барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд.

Дар ин давра як қатор лоиҳаи қарорҳои Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ карда шуд.

Аз ҷумла:
- қарори Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 майи соли 2011, №24 «Дар бораи Шӯроҳои сарпарастони муассисаҳои давлатии хона интернатҳо ва дигар муассисаҳои иҷтимоии тобеи Вазорат»;
- қарори Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 майи соли 2011, №23 Дар бораи «Қоидаҳои тартиби дохилии муассисаҳои давлатии хона- интернатҳо»;
- қарори Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Методикаи гузаронидани пурсиши корфармоён барои муайян намудани талабот ва пешниҳод ба қувваи корӣ»;
- қарори Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Муассисаи давлатии «Маҷмааи таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва иноватсияҳо».

Инчунин аз ҷониби Агентӣ лоиҳаи «Барномаи таҳкими бехатарӣ аз сӯхтор» дар муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо ва истироҳатгоҳҳои системаи Агентии давлатии хифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, омода гардида, бо Фармоиши Вазир аз 28 феврали соли 2011, №34 тасдиқ шуд. Айни замон иҷрои барномаи мазкур дар муассисаҳои зертобеъ амалӣ шуда истодааст.

Тайи ин давра аз ҷониби Агентӣ ба 4 (чор) лоиҳаҳои Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1(як) қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1(як) фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1(як) лоиҳаи барнома ва 1(як) Низомнома хулосаи худро пешниҳод намудааст.

Аз ҷумла:
- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»;
- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маъориф»;

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ»;
- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- лоиҳаи фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гузаронидани бинои табобатгоҳи «Гармчашма» воқеъ дар ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба балanси Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати Алюминийи Тоҷик»;
- лоиҳаи Низомномаи Сарраёсати (Раёсати, Шӯъбаи) меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти (шаҳрӣ, ноҳияи);
- лоиҳаи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ҳисор барои солҳои 2011-2020».

Инчунин дар асоси фармоиши Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 2011, №153 Дастурамалҳои талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии сохторҳои Агентӣ аз сари нав таҳия ва бо фармоиши директори Агентӣ тасдиқ карда шуд.

Ҳамзамон дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2011, №439 “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2007, №102 “Дар бораи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират” бинобар тағйир ёфтари сохтори Агентӣ як қатор низомномаҳои Раёсату шӯъбаҳои дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои он таҳия ва тасдиқ гардиданд.

Дар ин давра Шартномаи ҳамкорӣ байни Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати Алюминийи Тоҷик» ва Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин як қатор шартномаҳо дар бораи ҳамкории муштарак оид ба пешниҳод намудани хизматрасонии иҷтимоӣ дар Марказҳои минтақавии будубоши рӯзона ва барои кӯдакони имконияташон маҳдуд омода карда шуда, ҳамкорӣ ба роҳ монда шуд.

Дар маҷмӯъ Агентӣ фаъолияти худро дар асоси Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармон ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳо ва қарорҳои Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ба роҳ монда, бахри иҷрои мунтазам ва талаботи қонунгузории ҷорӣ мувофиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти фаъолият ва дар амал татбиқ намудани онҳо тадбирҳо меандешад.

**Дафтардори ва коргузорӣ**

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират кор бо муроҷиатҳои шаҳрвандон мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурoҷиатҳои шаҳрвандон», тибқи талаботи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда як қатор корҳоро ба сомон расонида дар соли 2011, 3207 адад ҳуҷҷат ворид шудааст.

Хусусияти хуҷҷатҳои қабулшуда чунинанд:

ба воситаи Вазорат
- супоришҳои Вазорати мехнат (танхо) - 595
- супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 193
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 58
- мактубхо аз мамлақатҳои ИДМ, ташкилотҳои байналмиллалӣ, сафоратхонаҳо - 93
- фармоишҳои Вазир - 64
- муқотибаи вазорату, идораҳо ва аз зерсохторҳои Агентӣ дар ш.Душанбе, вилоятҳо, шаҳру, ноҳияҳои тобеи ҷумҳур - 1063
- мурочиати шахрвандон (аризахо) - 1141
- қабули муроҷиати шифохии шаҳрвандон 21870

Таҳлили муросилоти содироти нишон дод, ки дар соли 2011 Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират 2604 адад хуҷҷатҳоро тайёр намуда, фиристодааст, аз он ҷумла:

Ба воситаи Вазорат

Ба:
- супоришҳои Вазорати меҳнат (танҳо) - 291
- Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 171
- қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 47
- мактубҳо аз мамлакатҳои ИДМ - 57
- фармону фармоишҳои Вазир - 36
- мукотибаи вазорату идораҳо, ҷавобҳо ба мактубҳои зертобеъи сохтори Агентӣ дар ш.Душанбе, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 866
- ҷавоб ба мурочиатҳои шаҳрвандон - 1361

Дар давоми соли 2011(аз 1 январи то 20 декабр) ба сохторҳои тобеи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли ахолӣ ва муҳоҷират зиёда аз **6771** адад хуҷҷат ворид ва **7914** адад содир шуда 1141 адад мурочиатҳои хаттии шаҳрвандон дар шакли хатти ворид шудаанд, ки насбат ба соли 2010 (дар давраи ҳисоботӣ) 114 ариза (111,1%) зиёд мебошад.

Аз шумораи умумии мурочиатҳои шаҳрвандон аз ш.Душанбе - 671 (58,8 %), вилоятҳои Суғд – 40 (3,5 %), Хатлон 186 – 16,3 %), НТЧ - 228 (19,9 %) ариза ворид шудааст. Миқдори ками аризаҳои шаҳрвандон аз Вилояти Мӯхтори Кӯҳистони Бадахшон - 16 (1,4 %) ворид гардидааст, ки фаъолияти хуби мақомоти болозикрро нишон медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ ба Агентӣ 7 мурочиати коллективӣ, 87 мурочиат тавассути Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 1, 5 адад аз Маҷлиси Намояндагон Маҷлиси Олии ҶТ, 5 адад аз Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии ҶТ, тавассути Вазорат бошад 293 адад ва 20 ариза қабули шахсии Вазир дохил шудааст.

Шумораи мурочиатҳо дар давраи (аз 1 январ то 28 ноябри ) соли 2011 воридгашта аз рӯи мазмунашон чунинанд:

| | |
|---|---|
| * дар бораи гирифтани кӯмаки моддӣ аз тарафи Кумитаи Имдоди Имом Хумайнӣ | 724 |
| * дар бораи гирифтани кӯмаки молиявӣ | 65 |
| * дар бораи дастрас намудани чиптаҳои имтиёзнок | 89 |
| * дар барои дастрас намудани роҳхатҳо ба истирохатгоҳҳо | 50 |
| * дар бораи дастрас намудани аробачаи маъюбӣ | 70 |
| • дар бораи дастрас намудани асобағал | 1 |
| * дар бораи дастрас кардани протези пой ва даст | 5 |
| * оиди ҷойгир намудан ба хона-интернатҳо | 21 |
| * оиди таъмин намудан ба ҷои кори доимӣ | 44 |
| * оиди гирифтани шаҳодатномаи муҳоҷират | 6 |
| * оиди ҷудо намудани манзил | 9 |
| * оиди омузиши курсҳои таълими калонсолон | 7 |
| * оиди ҷудо намудани нақлиёт ва компютер | 8 |
| * оиди харидори намудани мошинаи зардӯзӣ | 3 |
| * оиди ҷойгир намудан ба Маркази тавонбахшии «Чорбоғ» | 13 |
| * оиди номнавис намудан барои тӯйи арӯсию домодӣ аз тарафи Кумитаи Имдоди Имом Хумайнӣ | 4 |
| * оиди баргардонидани карзи имтиёзнок | 11 |
| • оиди ташкили корхонаи муштарак | 1 |
| • дигар масъалаҳо | 10 |

Таҳлили муроҷиати шаҳрвандон нишон медиҳад, ки пеш аз ҳама масъалаҳои расонидани кумаки моддӣ ва молиявӣ, дастрас намудани чиптаҳои итиёзнок, аробачаи маъюбӣ, роҳхат ба истирохатгоҳҳо, ҷойгир намудан ба хона-интернатҳо, дида баромадани роҳҳои баргардонидани карзи имтиёзнок, таъмин намудан ба ҷои кори доимӣ, ҷойгир намудан ба Маркази миллии тавонбахши «Чорбоғ» ва ғайра матраҳ шуданд.

Дар давоми соли 2011(аз 1 январи то 20 декабри) ба сохторҳои тобеи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли ахолӣ ва муҳоҷират зиёда аз 1286 муроҷиатҳои шаҳрвандон ба қайд гирифта шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки нисбати ҳамаи муроҷиатҳои шаҳрвандон чораҳои фаврӣ андешида шуда, куллӣ онҳо ба таври мусбӣ ва сари вакт ҳал карда шуданд.

Дар дастгоҳи марказии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират **қабули шаҳрвандон** аз ҷониби директор, муовинон ва сардорони раёсатҳо дар рӯзҳои корӣ ва шанбе, тибқи талаботи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2011 ва иҷрои банди 41-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010 № 203 ба роҳ монда шуда, барои боз ҳам бехтар намудани кор дар самти қабули шаҳрвандон кам шудани микдори умумии аризаҳо ва бо таври оҷилӣ ҳал шуда аз тарафи директор, муовинони директор, сардорони

раёсатҳо ва шӯъбаҳои Агентӣ **3311** нафар шаҳрвандон қабул намуда ба сохторҳои тобеи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли ахолӣ ва муҳоҷират зиёда аз **18464** нафар шаҳрвандон шифоҳӣ муроҷиат намуданд.

Ба Маркази реинтегратсияи муҳоҷирони меҳнатии Агентӣ дар давоми соли ҷорӣ 95 нафар муҳоҷирони меҳнатии ба Ватан баргашта ва шаҳрвандони бекор барои дарёфти ҷои кор ва омӯзиши касб муроҷиат намуданд, ки аз онҳо: 22- нафар барои таҳсил дар марказҳои таълимӣ, 66 - нафар барои кори мувофиқ пайдо намудан дар худуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 31- нафар барои дарёфти кори мувофиқ дар дохил ва хориҷи кишвар мебошад.

Тайи давра ҳисоботи 90 нафари шаҳрвандон дар қабули мӯҳтарам Вазир муроҷиат намуданд, ки аз онҳо 18 нафар тариқи хатти буда бо таври мусби ҳалу фасли худро ёфтаанд.

**Корҳои иттилоотӣ ва робита ба ҷомеа**

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Агентӣ ин тариқи шабакаҳои телевизионӣ, радиои ҷумҳурӣ, рӯзномаҳои расмию даврӣ ба роҳ мондани корҳои тарғиботӣ-ташвиқотӣ, баҳри амалӣ намудани хизматрасонии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират мебошад, ки дар иртибот ба ин чунин корҳо ба сомон расонида шудаанд:

Дар ҳамкорӣ бо **шабакаҳои телевизионии** ТВТ-1, "Ҷаҳоннамо", "Сафина", "Баҳористон" дар давраи ҳисоботӣ бо ташаббуси шӯъба **52** барномаю гузоришҳои телевизионӣ сабт ва намоиш дода шуд дар **рӯзномаҳою маҷаллаҳо 12** мавод дарҷ гардиданд:

Ба Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пахш намудани эълонҳо дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои ТВТ-1, «Ҷаҳоннамо», «Сафина» ва радиои Тоҷикистон доир ба баргузории ярмаркаи ҷойҳои кори холии соҳавӣ барои маъюбон, соҳаи маориф, омӯзиши малакаи касбӣ мактуб таҳия ва дастрас карда шуд, ки зиёда аз **90 эълони вакансияҳои холӣ** бо сатри равон ҳамарӯза ба корҷӯён ва ниёзмандон пешниҳод гардида дар **шабакаҳои Радио** Тоҷикистон, "Садои Душанбе", "Имрӯз" 2**6** мусоҳибаю барномаҳо мураттаб шуданд.

Тибқи ҳисоботи пешниҳод намудаи мақомоти зертобеи Агентӣ **233 нусхаи дар нақша пешбинишуда ба 420** нусха рӯзномаю маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ обуна шудаанд аз он ҷумла:

1. «Ҷумҳурият» - нақша 39- иҷро 68.
2. «Народная газета» - нақша 9- иҷро 19.
3. «Халқ овозӣ» - нақша 17- иҷро 17.
4. «Садои мардум»- нақша 34- иҷро 63.
5. «Минбари халқ» - нақша 20- иҷро 80.
6. «Мароми пойтахт» - нақша 20- иҷро 32.
7. «Адабиёт ва санъат» - нақша 30- иҷро 31.
8. «Бонувони Тоҷикистон» - нақша 85- иҷро 87.
9. «Ваҳдат» - нақша 19 - иҷро 23.

Ҳамагӣ: нақша 233- иҷро 420 нусха.

Мавриди зикр аст, ки дастгоҳи марказии Агентӣ бидуни нақша барои обуна ба рӯзномаю маҷаллаҳои «Ахбори Маҷлиси Олӣ» -1н., «Паёми

Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-2н., «Тоҷикистон» (маҷалла)-2н., «Садои Шарқ»1н, «Азия-Плюс» -2н., «Илм ва ҳаёт»-1н., «Тоҷикистон» (рӯзнома)-2н., «Аргументы и факты»-1н; «Фируза»-2н. маблағи заруриро ба Почтаи Душанбе интиқол намуд.

Дар маҷмӯъ мақомоти Агентӣ аз рӯи нақша ва берун аз он то 8.12.2011с. ба **543 нусха рӯзномаю маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ** (ба ғайри рӯзномаи «Роҳнамо») обуна шудааст.

Тибқи маълумоти мақомоти зерсохтори Агентӣ дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, шаҳру ноҳияҳо дар самти сиёсати давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират тариқи шабакаҳои ТВ, радио ва рӯзномаҳои даврию расмӣ маводҳои гуногун омода карда, ба ниёзмандон манзур гардонидаанд.

Дар соли 2010-ум мақомоти Агентӣ тариқи 432 стенд, 236 тахтаи эълонҳо ба ниёзмандон оиди ҷойҳои кори холӣ ва дигар масъалаҳои муҳим маълумот пешниҳод карда бошад, **айни ҳол тавассути 630** стенд ва **278** тахтаи эълонҳо ба ниёзмандон иттилоот пешниҳод менамояд.

Соли гузашта оиди фаъолияти Агентии давлатӣ ва мақомоти зертобеъ дар як сол 285 маротиба дар радиои ҷумҳуриявӣ, 285 маротиба тавассути шабакаҳои телевизионӣ барномаю эълонҳо мураттаб ва 261 хабару мақолаҳо дар рӯзномаҳои маҳаллию ҷумҳуриявӣ нашр гардида буданд. **Соли равон** бошад дар давраи ҳисоботи оиди фаъолияти Агентии давлатӣ ва мақомоти зертобеъ **298** маротиба дар радиои ҷумҳуриявӣ, **486** маротиба тавассути шабакаҳои телевизиони барномаю эълонҳо мураттаб ва **298** хабару мақолаҳо ва эълонҳо дар рӯзномаҳои маҳаллию ҷумҳуриявӣ нашр гардида, ба сомонаҳои иттилоотӣ **140** мавод ворид карда шуд.

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират фаъолияти худро дар асоси Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармон ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳо ва қарорҳои Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, баҳри иҷрои талаботи қонунгузории ҷорӣ тадбирҳо меандешад.

**Директори Агентӣ** **Н. Маҳмадуллоев**